## Убайд Раҷаб

# ҶОНИ БОБО





## ДИЛАКАМ МЕКУШОЯД

Булбул ғазал мехонад,
Дилакам мекушояд.
Барг нам мерезонад,
Дилакам мекушояд.
Абри гузар медавад,
Дилакам мекушояд.
Сабза мурғак меравад,
Дилакам мекушояд.
Чӯпон садо мекунад,
Дилакам мекушояд.
Рама чаро мекунад,
Дилакам мекушояд.
Деҳқон замин меронад,
Дилакам мекушояд.
Досак лона мемонад,
Дилакам мекушояд.

Модарам нон мебандад,
Дилакам мекушояд.
Чашми саҳар механдад,
Дилакам мекушояд.



## МАНУ МАҲТОБ

Маҳтоб дар сари кӯҳ,
Маҳтоб дар оби ҷӯ,
Бо маҳтоби оби ҷӯ
Ман даст шустаму рӯ.

Додарам дасту рӯ шуст,
Бо маҳтоби оби ҷӯ,
Хоҳарам дасту рӯ шуст,
Бо маҳтоби оби ҷӯ.

Сӯи ман аз тори кӯҳ,
Аз миёни оби ҷӯ,
Хандон-хандон нигаҳ кард
Ду маҳтоби хандонрӯ.

Баъд аз он то пагоҳӣ
Рафтем мо ҳама хоб:
Ман дар кату ду маҳтоб
Рӯи кӯҳу байни об.

## ТИРУКАМОН РӮИ БОМ

Тирукамон рӯи бом,
Рӯи бомаки бобом,
Боми бобом зери ҷар,
Зери ҷари оҳупар,
Рӯи ҷар роҳи гузар,
Роҳе то боми камар.

Тирукамони ранга,
Оташе беаланга,
Ранга боми бобоям,
Бар бом мебароям,
Рӯи Чаман ранга аст,
Ду рӯи ман ранга аст.

Тирукамон пул барин,
Як саракаш дар замин,
Як саракаш дар ҳаво
Биё, Чаман, бинеҳ по,
Ҳарду тамошо равем,
Сӯи фалакҳо равем.

## ДЕҲИ МО САҲНИ КОР АСТ

Деҳа надорад ором
Аз субҳ то дари шом.

Кори деҳа бисёр аст,
Дасти ҳама ба кор аст:



Яке сӯи пуштаҳо
Рамаро барад чаро.

Об яке мемонад,
Тут яке таконад.

Пухтаст донаи ҷав,
Яке машғули дарав.

Яке бар тори ғарам
Банди нав мекунад зам.

Яке хирман мекӯбад,
Яке хирман мерӯбад.

Яке каҳ мекашонад,
Яке замин меронад.

Яке бар рӯи девор,
Лой гузораду хор.

Яке монад забаррав
Бар чӯби хонаи нав.

Яке ҷома медӯзад,
Яке сабақ омӯзад…

Кори деҳа бисёр аст,
Деҳи мо саҳни кор аст.

Касе агар бекор аст,
Ҳама аз ӯ безор аст.

## ХОНАҲОИ ДЕҲИ МО



Бо хандаи офтоб
Деҳа мехезад аз хоб.

Дарҳояш чун шавад боз,
Пур мешавад аз овоз.

Дар синаи танги кӯҳ
Бинӣ дунёи шукӯҳ.

Хонаҳо пасту баланд
Рӯи ҳам истодаанд.

Ранги бору сарборанд,
Болои ҳам саворанд.

Пушт ба ҳам ниҳода,
Китф ба китф дода.

Аз рӯи оби равон
То кӯчаи Каҳкашон…

Дар мағзи кӯҳсорон
Бар ҳамдигар чун касон,

Такя хонаҳо доранд,
Бо такя бақо доранд.

## БОҒИ ТОРИ ШАХ

Дарахте дар тори шах,
Дархте дар рӯи  ҷар,
Бо меваҳои рах-рах
Тобон дар пеши  назар.

Чор тараф ҷару ҷӯ,
Чор тараф шаху шах.
Широсо аз ҳама сӯ
Равон обаке чун ях.

Печида бар-бари шах
Ба боғ ояд ҷӯи об.
Бар боғаки тори шах
Ҳусн диҳад беҳисоб.

Сурху сафеду кабуд
Чашму дилро мебаранд.
Себу олую мурӯд
Зинати шохи баланд.

Шохаки ғарқи мева
Чор тараф нишеб аст.
Бо меваю шохи хам
Боғаки мо базеб аст.

## ЯК ПОРА КАҲКАШОН

Чодар кашид шаб,
Шуд чашми рӯз кӯр,
Тобид теғи кӯҳ
Чун шонаи шутур.

Пайроҳи каҷмакаҷ,
Бо кӯю бому дар,
Бо долу бо дарахт,
Бо зову сою ҷар.

Бо сабзаҳои боғ,
Бо мавҷи оби рӯд,
Якбора нопадид
Аз роҳи дида шуд.

Мехост шаб барад
Оҳиста бар гулӯ,
То субҳ деҳаро
Чун аждаҳо фурӯ.

Лекин зи китфи кӯҳ
Хандид моҳтоб,
Акси нигоҳи маҳ
Афтид рӯи об.

Аз хонаҳо шуданд
Берун ситорагон,
Тобид дар замин
Аксе аз осмон.

Чун дар само чароғ
Дар деҳа дар гирифт,
Бигрехт шому субҳ
Деҳро ба бар гирифт.

Бар деҳа бозгашт
Зебу фару шукӯҳ…
Як пора Каҳкашон
Тобид байни кӯҳ.

## ШӮЪЛАЕ ЛАҒЗОН ОМАД

Аз сари қуллаи кӯҳ
Вақти сапедадамон,
Поён сӯи деҳ омад
Шуълае лағзон-лағзон.

Нигаҳ ба рӯи деҳ кард,
Деҳа буд сармасти хоб,
Пеш ба худ раҳ гирифт
Рӯ-рӯи соҳили об.

Аз лаби об бар боғ
Шуъла осон даромад,
Аз бари боғ бар роғ
Шӯъла шодон баромад.

Бар гардани буттаҳо
Шадда шуд, овезон шуд,
Рӯ-рӯи хоки сиёҳ
Зарра-зарра резон шуд.

Сӯи гулу сабзаҳо
Оҳиста шуъла хам шуд,
То бинад акси худро,
Равшан рӯи шабнам шуд.

Шабнами софу шуъла
Фурсате бо ҳам омехт,
Дона шуд донаи нам,
Дар пои сабзаҳо рехт.

Хурӯс аз сари девор
Бол заду садо дод…
Субҳ ба сӯи деҳа
Бо табассум лаб кушод.

## БЕГОҲ

Садо пасу пеш омад,
Аз ҷониби пул омад,
Бо омад-омади шом
Дар деҳа ғул-ғул омад.
Аз сӯи ҷӯча омад,
Аз сӯи кӯча омад.
Чангу ғубори деҳа
Чун абр гашт боло,
Яксара оромӣ рафт
Аз деҳи ороми мо…
Рӯз ба поён расид,
Пода омад аз чаро.

## ЧИЛЧАШМА

Чил чашмаи беғубор,
Чил чанори соябор.
Чил чашма сар мезанад
Аз домани чил чанор.

Чил чашмаи хурӯшон,
Чил ҷӯи ширинзабон,
Метападу метапад,
Ранги чил раги ҷӯшон.

Чил чашмаи беназир,
Акси чил осмон аст,
Об нею ҷӯи шир.
Аз чил чашма равон аст.

Чил чашмаи булӯрӣ
Мисли чил шадда марҷон,
Дар рӯи синаи кӯҳ
Дона-дона овезон.

Чил чашма оби равон,
Чил кокули парешон,
Монанди обшорон
Бар дӯши кӯҳсорон.

Чил чашма пур-пури гул,
Кӣ майли чидан дорад?
Чил чашма пури моҳӣ
Кӣ майли дидан дорад?

Оби рӯи себарга,
Себарга рӯ-рӯи об.
Дар ду бари Чилчашма
Себарга меравад хоб.

Чил чашма, чил оина –
Оинаи мусаффо…
Чил чашма не, деҳи мо
Дорад чил чашми бино.



## ШАРШАРА

Ба тамошои шаршара ҳар рӯз
Меравам ҳамраҳи рафиқонам.
Беҳ аз ин ҷой ҷой то ба ҳанӯз
Зодаи кӯҳаму намедонам.

Мезанад сар ба санг оби соф,
Реза-реза дубора мешорад.
Ба сари сабзаи майсаи атроф
Мисли борони майда меборад.

Медамад мисли шир пеши назар,
Мефарояд ба тангно бо шаст.
Аз сари кӯҳ то ба пои камар
Беибо меҷаҳад чу оҳуи маст.

Сар ниҳад то ба пеши пои деҳа,
Медавад обаки сафед чу мор.
Бахя дӯзад ба ҷайби чоки дара
Мавҷ бар дӯши мавҷ гашта савор.

ГЭС дорад сафоюю нур аз он,
Ҳавасовар табиати дара аст…
Ҳамаи зебу зинати деҳамон
Аз ҳамин оби софи шаршара аст.

# МОДАРИ ҶОНИ МАН

*(Суруд)*

Бар сари қуллаат
По намонад саҳоб,
Қуллаи кӯҳи туст
Ошёни уқоб.

*Нақарот:*

Эй Ватан, эй Ватан,
Модари ҷони ман.
Ҷони ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман.



Зинати сад чаман
Оби бехоби туст.
Роҳати ҷони ман
Қатраи оби туст.

*Нақарот:*

Эй Ватан, эй Ватан,
Модари ҷони ман.
Ҷони ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман.

Дӯст дорам ба ҷон
Хоку оби туро,
Боду борони ту,
Офтоби туро.

*Нақарот:* Эй Ватан, эй Ватан,
Модари ҷони ман.
Ҷони ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман.

Хонаи меҳри ман
Синаи поки туст.
Решаи ҷони ман
Дар дили хоки туст.

*Нақарот:* Эй Ватан, эй Ватан,
Модари ҷони ман.
Ҷони ман, ҷони ман,
Тоҷикистони ман.

## МУЛКИ МЕҲРУБОН

*(Суруд)*

Чашмаҳои туст
Чашмаи мадор,
Қуллаҳои туст
Қуллаи виқор.

*Нақарот:* Мулки меҳрубон,
Нури дидагон.
Тобу ҳам тавон,
Ҷон ба ҷои ҷон.

Аз барои ман
Бас ягонаӣ,
Модари манӣ,
Ҷовидонаӣ.

*Нақарот:* Мулки меҳрубон,
Нури дидагон.
Тобу ҳам тавон,
Ҷон ба ҷои ҷон.

Қимат аз зар аст
Резасанги ту.
Тӯтиёи чашм
Гарду чанги ту.

*Нақарот:* Мулки меҳрубон,
Нури дидагон.
Тобу ҳам тавон,
Ҷон ба ҷои ҷон.

Аз ту дилхушам,
Аз ту бахтёр.
Бо ту дар ҷаҳон
Дорам ифтихор.

*Нақарот:* Мулки меҳрубон,
Нури дидагон.
Тобу ҳам тавон,
Ҷон ба ҷои ҷон.

# МОДАРАМ

– Саҳар маро кӣ хезонд?
– Модарам.

– Кӣ сӯи оби ҷӯ хонд?
– Модарам.

– Либосамро кӣ пӯшонд?
– Модарам.

– Чой ба ман кӣ нӯшонд?
– Модарам.

– Кӣ куртаи маро дӯхт?
– Модарам.

– Оши болаззат кӣ пухт?
– Модарам.

– Кӣ майда бофт мӯям?
– Модарам.

– Кӣ муччӣ кард рӯям?
– Модарам.

– Кӣ гул ба дасти ман дод?
– Модарам.

– Кӣ мактабам фиристод?
– Модарам.

– Маро кӣ гуфт қобил?
– Модарам.

– Кист ба ман ҷону дил?
– Модарам.

## МОДАРИ МАН ДӮЗАНДА

Модари ман дӯзанда,
Устои овозадор.
Ҷои кори ӯ «Гулдаст»,
Шогирди ӯ бешумор.

Бурру дӯзи модарам
Ба ҳама кас хуш ояд,
Ҳар чи хоҳӣ, медӯзад
Модарам аз бароят.

Ҳусни нав гирад матоъ
Зери дасти модарам.
Ба модарам пайраванд
Хоҳараму додарам.

Худи ман ҳам дӯзанда,
Ҳар чи хоҳӣ, медӯзам.
Бовар надорӣ, бипурс
Аз модари дилсӯзам.



## МОДАРАМ АЗ КОР ОМАД

Модарам аз кор омад,
Монда шудасту хаста.
Мехоҳад, ки дам гирад
Дар лаби кат нишаста.

Ку-ку нагӯ пеши дар,
Мурғаки шилшилапо.
Ав-ав накун ин қадар,
Алмоси гапнодаро.

Вақти мияв-мияв нест,
Гурбаяки бехабар.
Шақ-шақи худро кам кун,
Шақшаққаи алопар.

Намебинӣ қарорам,
Садо намебарорам.
Бо зочаи гулдорам
Ҳатто бозӣ надорам.

Ин соат оби ҷӯбор,
Бояд садо барорад.
Бӯи гулу бӯи хор
Ба модарҷонам орад.

Шамолаки гулафшон
Бубояд алла гӯяд…
Ҳулбӯи тар бичинам,
Модарҷонам бибӯяд.

Модарам аз кор омад,
Монда шудасту хаста.
Мехоҳад, ки дам гирад
Дар лаби кат нишаста.

## НОНИ ГАРМ

Лахча чун гул шукуфта,
Лахча таги хокистар.
Танӯри пури лахча
Чун кӯраи оҳангар.

Рӯи суфра пури нон,
Болои ҳам хобида.
Оромие надорад
Остинчаву рафида.

Нон мечаспонад очам
Андар танӯри тафсон.
Дар осмон ситора
Мечаспад ба ҷои нон.

Очам рӯи алавро
Андак-андак мекобад.
Ду рӯяш чун ду лаб нон
Дар чашми ман метобад.

Оби хунук чун арақ
Мешорад аз рӯи нон,
Нони гандум мешавад
Чун рӯи марди деҳқон.

Рӯи шиғ, пеши танӯр,
Ҷило мегирад аз нон
Хонаро пур мекунад,
Бӯи хуши тобистон.



Аз нони гарми очам
Бӯи марза меояд,
Бӯи доси даравгар,
Бӯи дарза меояд.

Бӯи банду чигина,
Бӯи вал, бӯи хирман…
Аз нони очам ояд
Бӯи падарҷони ман.

## ЧӢ ОВАРДӢ, АКОЧОН?

– Кӯҳнавардӣ, акоҷон,
Чӣ овардӣ, акоҷон?

Дар халтаат чиҳо ҳаст,
Савғотие ба мо ҳаст?

– Такалавӣ нонам ҳаст,
Як даста торонам ҳаст.

Чукрӣ дорам ду баста,
Сияҳалаф ду баста.

Як дастаи пур лола,
Ҳар лола чун пиёла.

Як банд рова дорам,
Пешакат мегузорам,

Бо навдаи гули хор,
Боз ба ту чӣ даркор?

# МОШИНИ «ЗИЛ» МЕРОНАД



Роҳҳои кӯҳистон
Акоямро медонад.
Акоям мошинарон,
Мошини «ЗИЛ» меронад.

Бо мошини пури бор
Бо роҳи дуру душвор,
Зимистон асту баҳор,
Акоҷонам раҳсипор.

Сӯи ба сӯ субҳу шом,
Мошинааш давон аст.
То бозгашти аком
Ду чашмам роҳбон аст.

Бар-бари бораву ҷар,
Сар-сари кӯҳу камар,
Акоям шому саҳар
Бо мошин кунад гузар.

Азми кӯҳистон кунад,
Мол фаровон кунад.
Хизмати касон кунад,
Мушкиле осон кунад…

Акоям мошинарон,
Мошини «ЗИЛ» меронад.
Роҳҳои кӯҳистон
Акоямро медонад.

# ХОЛАИ ГАВҲАР

Зани боҳунар
Холаи Гавҳар,
Каси муътабар
Холаи Гавҳар.

Ҷон асту ҷигар
Холаи Гавҳар,
Яктои гузар
Холаи Гавҳар.

Машғули кор аст,
Аз субҳ то шом,
Холаи Гавҳар
Надорад ором.

Гӯяд, ки одам
Зиндаст бо кор,
Аз рӯи бекор
Дунёст безор.

Ё пашм ресад
Дар бурҷи айвон.
Ё рағза бофад,
Дар кунҷи майдон.

Бандад ҳамеле
Аз меваи тар,
Камзӯлу тоқӣ
Ё дӯзад аз зар.

Ё нон пазад ӯ,
Ё оши угро…
Як дам набинӣ
Бекор ӯро.

Ҳамсояҳоро
Коре барояд,
Холаи Гавҳар
Бо сар биёяд.

Аз ғуссаи мо
Маъюсу дилгир,
Аз шодии мо
Намешавад сер.

Каси муътабар
Холаи Гавҳар,
Маҳбуби гузар,
Холаи Гавҳар.

## МОШОН ДАР ХОНА ХОБ АСТ

Мошон дар хона хоб аст,
Кӯча лаболаб об аст.

Резаборон меборад,
Мошон хабар надорад.

Ёлаҳо зебо шуданд,
Боби тамошо шуданд.

Мошон хабар надорад,
Ҷо кунҷи хона дорад.

Борона, ки надидаст,
Осудаяк хобидаст.

Дар нимашаби торик,
Аз роҳҳои борик,

Оби дунё равон аст,
Дарё-дарё равон аст.

Сӯи ба сӯ равон аст,
Ҷӯи ба ҷӯ равон аст.

Майда меборад борон,
Хабар  надорад Мошон,

Ки зимистон баромад,
Навбаҳорон даромад…

Деҳа пур-пури об аст,
Мошон дар хона хоб аст.



## НОНИ ХОЛАМ БАМАЗЗА

Холаам нон мепазад,
Роҳати ҷон мепазад.
Барои нони холам
Ҳезум чидам як олам.
Дами дар танӯри нав,
Холам мемонад алав.
Паси дар, рада-рада,
Нонакои парзада…
Холаам нон мепазад,
Роҳати ҷон мепазад.
Нони холам баҷазза,
Нони холам бамазза.

## БАРО, БАРО, ОФТОБ!

Баро, баро, Офтоб,
Баро, осуда нахоб!
Ҳаворо гармтар кун,
Заминро нармтар кун.
Дилҷӯ ҳама сӯ шавад,
Кӯҳу тал дилҷӯ шавад.
Сабза доман кушояд,
Лола хандон барояд.
Лоларо даста-даста
Идӣ барем баста…
Нест дигар вақти хоб,
Баро, баро, Офтоб!

## БАР ПУШТА ЧӮПОН ОМАД

Абри пора дар шиност,
Пора-пора дар фазост.
Абре не, хубтар бин,
Моле машғули чарост.

Чун ҳаво қирон омад,
Бод дав-давон омад.
Дар пушта,
Пеши рама,
Аз куҷо чӯпон омад?

Аввал андак борон шуд,
Сонӣ тирукамон шуд.
Рама дар ёлаи сабз
Реза шуд,
Парешон шуд.

## БӮИ ЗАМИН

Додом замин меронад,
Замин сурмаро монад.

Парандаҳо пуркоранд,
Бозори гарм доранд.

Аз чув-чуву қару қар
Ду гӯшат мешавд кар.

Аз қафои трактор,
Аз хоки нарми шудгор,

Аз замини навкорам,
Бӯе меояд форам:

Бӯи майса, бӯи роғ,
Бӯи мева, бӯи боғ.

Бӯи гандум, бӯи нон,
Бӯи хуши дастархон…

Ояд аз хоки замин,
Бӯи арақи ҷабин.

## ЧАНД ГУЛ ДОРАД ГУЛДАСТА?

Давидему давидем,
Як даста гул бичидем.

Ман чидаму Гулъузор:
Ду гул аз пеши девор.

Ду гул аз пушти хона,
Ду гул аз бари ёна,

Ду гул аз хами кӯча,
Ду гул аз лаби ҷӯча,

Аз боғи лаби дарё,
Боз бичидем дуто.

Баъд ҳар ду нишастем,
Гулдастае бубастем.

Кӣ мегӯяд, ки чандта
Гул дорад ин гулдаста?

# БОВАРАТ НАМЕОЯД?

Фӯтаро салла кардам,
Заминро фалла кардам,
Арақро жола кардам,
Пал кардам,
Мола кардам.
Як каф тухмӣ пошидам,
Андак пору чошидам.
То заминро накобанд,
Тухмиҳоро наёбанд,
Гурбаҳоро «пиш» гуфтам,
Чумчуққоро «киш» гуфтам.
Чак-чак резаборон рехт,
Табъи дили деҳқон рехт,
Парма карду аз замин
Баромад аҷриқ барин,
Шалғаме барги тарра, Пиёзе
мӯи барра.
Кам-кам хишова кардам,
Худам хишова кардам.
Вақти саҳар,
Вақти хоб,
Реза-реза додам об.
Шалғаме чун карам шуд,
Пиёзе чун шалғам шуд.
Намеояд боварат?
Биёю бин, марҳамат!



## АЗ ТАНҲОӢ ЗИҚ ШУДАСТ

Гулбуттаи гули хор
Берун баромад аз боғ,
Чун рахна гашт девор,
Осон гузашт аз роғ.

Тозон рафту боз истод,
Рӯи раҳи Меҳрубон,
Ҷо дар ҷои хубе дод
Меҳрубон дар боғашон.

Бечора танҳо будаст
Дар боғаки ҳамсоя,
Зиқ аз танҳоӣ шудаст,
Дар як гӯшаи соя.

Нармаш касе накардаст,
Обаш касе надодаст,
Худро берун овардаст,
Чун субҳ рӯ кушодаст.

Дигар танҳо намонад
Меҳрубонаки ғамхор…
Зиқ асло намонад
Гулбуттаи гули хор.

## НЕКӢ НАРАВАД АЗ ЁД

– Гӯсола бонгас дорад,
Чӣ мегӯяд, меҳрубон?
– Ташаккур барои шир,
Мегӯядам, модарҷон.

– Мурғак қу-қу мекунад,
Чӣ мегӯяд, Меҳрубон?
– Ташаккур ӯ мекунад,
Барои дон, модарҷон.

– Сагча дум меликконад,
Чӣ мехоҳад, Меҳрубон?
– Ташаккурам мехонад
Модарҷон, барои нон.

– Мияв-мияв аз айвон
Гурба дорад, Меҳрубон?
– Дунба додам, ташаккур
Мекунад, модари ҷон.

– Гӯсола шуд сер аз шир,
Сер мурғак шуд аз дон,
Бар назди гурбаву саг
Дунба ниҳодию нон.

Туро ҳам сад ташаккур
Духтари боақлу ҳуш…
Некӣ кунӣ, некият
Намегардад фаромӯш.

## ТОБИСТОН

*(Суруд)*

Боз омад фасли гармо,
Поёни таҳсил омад.
Мурғи шодӣ, пар кушо,
Айёми таътил омад.

*Нақарот:* Тобистон, эй тобистон,
Мавсими хушу зебо,
Аз худ нишоне бимон
Дар лавҳи дилҳои мо.

Бо майлу хоҳиши дил,
Раҳ баъд аз ин гузорем,
Дар кӯҳу дашту соҳил,
Пай бо фараҳ супорем.

*Нақарот:* Тобистон, эй тобистон,
Мавсими хушу зебо,
Аз худ нишоне бимон
Дар лавҳи дилҳои мо.

Ҳар куҷо користон аст,
Он ҷо бувад ҷои мо.
Оғӯши кӯҳистон аст,
Манзилу маъвои мо.

*Нақарот:* Тобистон, эй тобистон,
Мавсими хушу зебо,
Аз худ нишоне бимон
Дар лавҳи дилҳои мо.

Ҳамвора бар сари мо
Нур афшонад офтоб.
Дар меҳнат чун падарҳо
Худро диҳем обутоб.

*Нақарот:* Тобистон, эй тобистон,
Мавсими хушу зебо,
Аз худ нишоне бимон
Дар лавҳи дилҳои мо.

## КӢ АЗ КӢ?

Бехи ток нарм
Мекунам бо бел,
Дар ҳавои гарм
Мекунам побел.

То қад расонад,
Ғизо мениҳам.
Ташна бимонад,
Обаш медиҳам.

Сӯи хавоза
Аз домани хок,
Тоза ба тоза
Сар мекашад ток.

Токам ҳам самар
Ба ман меорад,
Дар тораки сар
Ҳам соя дорад

Зераш нишинам,
Рӯзаки гармо,
Ангураш чинам,
Хӯрам бо шумо.

Ман ӯрову ӯ
Маро парварад.
Кӣ аз кӣ, бигӯ,
Нафъ мебарад?

## САВОЛИ МАҲМУД ВА ҶАВОБИ ДАРАХТИ ТУТ

– Тути балхӣ, бигӯ, бигӯ,
Куҷо шуд меваҳои ту?

– Маҳмуди ҷон, эй ошно,
Ба ту додам меваамро.
Ба додарони ту додам,
Ба хоҳарони ту додам.
Ба пир додаму ҷавон,
То сурх бошад рӯяшон.

– Тути балхӣ, бигӯ, бигӯ,
Куҷо шуд баргҳои ту?

– Баргоне, ки бо ман буданд,
Пилла шуданд,
Шоҳӣ шуданд,
Ки яктаҳ пӯшад момоят,
Ки салла бандад бобоят.
Курта кунад модари ту,
Ҷома кунад додари ту.
Қарс кунад хоҳари ту,
Шим шавад дар бари ту.

– Тути балхӣ, бигӯ, чӣ кор
Мекунӣ ту бе баргу бор?

– Боз расад фасли баҳор,
Боз кунам авҷу барор.
Боз биёварам самар, Боз
диҳам, эй гулписар,
Барои ту асал барин,
Қанд барин тути ширин.

## ЗАРДОЛУҶОН, ЗАРДОЛУ

Зардолуҷон, зардолу,
Ба дарди дилҳо дору,

Пухтаст дар лаби ҷӯ,
Зардолуҷон, зардолу.



Пухтаст дар бари санг,
Ранги ба ранг сад  ранг.

Пухтаст, сар фикандаст,
Дар таъм мисли қанд аст.

Биё, биё, дугона,
Равем сӯи ёна.

Боғи навро бубинем,
Зардолуҳоро чинем.

Чинему чақ-чақ кунем,
Ҳамелу аштақ кунем.

Дар сабадҳо бирезем,
Дар шохаҳо овезем.

Кишта кунем камтар,
Рӯи шиғу рӯи дар.

То рӯзаки зимистон
Ҳузур кунад дилу ҷон…

Зардолуҷон, зардолу,
Ба дарди далҳо дору.

Пухтаст дар сари ҷӯ,
Зардолуҷон, зардолу.

## ОБИ РАВОН

Оби равон,
Равон-равон,
Бозикунон,
Шодикунон.
Биё, биё,
Аз паси ман,
Қафо намон,
Оби равон!

Боғ барам ҷӯи ба ҷӯй,
Майда кунам мӯи ба мӯй.
Себ хӯрад, нок хӯрад,
Биҳӣ хӯрад, ток хӯрад.
Тути хами хона хӯрад,
Анори бедона хӯрад.
Қад кашаду бор диҳад,
Меваи бисёр диҳад.
Ман хӯраму калон шавам,
Мардаки боғбон шавам…

Оби равон,
Равон-равон,
Бозикунон,
Шодикунон.
Биё, биё,
Аз паси ман,
Қафо намон,
Оби равон!

## МИЁНРО МАҲКАМ БАСТАМ



**1**

Доси бобо дар дастам,
Миёнро маҳкам бастам.

Доманамро бар задам,
Фӯтаро бар сар задам.

Лаби ҷӯ дарав кардам,
Аз як сӯ дарав кардам.

Досакам мисли алмос,
Як соатак задам дос.

Дарза ба дарза зам шуд,
Ғарам пушти ғарам шуд.

**2**

Хирманҷоро рӯбидем,
Мо хирманро кӯбидем.

Чапар монанди дар шуд,
Аз химчаҳои тар шуд.

Ғарам зери чапар шуд,
Чапаркаши мо хар шуд.

Хоҳаракам хирманрӯб,
Додаракам хирманкӯб.

Хирманҷо рӯи бом аст,
Бодгараш бобом аст.

## КӢ МЕГӮЯД, ЧАНД ДОНА?

Мо ҳарду кардем аштақ,
Аз зардолуи хушбӯ,
Пури пур буд се табақ
Назди ману назди ту.

Бо ҳар ҳамели аштақ
Сето ману сето ту,
То холӣ нашуд табақ,
Хӯрдем аз он зардолу.

Ман бубастам ду даста,
Ду даста бубастӣ ту.
Дар дасти ман ду баста,
Ду баста дар дасти ту.

Ҳар ҳамели мову ту
Дорад сӣ дона аштақ.
Чанд дона буд, ку бигӯ,
Зардолу дар се табақ?

## ГАНДУМ

Дар мағзи кӯҳсорон
Доман кушода саҳро,
Майсаи сабзи гандум
Саҳроро дода оро.

Нармак-нармак вазон аст,
Боди нарми пагоҳӣ,
Мелапад аз боди субҳ
Гандуми тирамоҳӣ.

Бешарфаву беовоз
Саҳро дорад талотум,
Оҳиста мезанад мавҷ
Баҳри зебои гандум.

Оби борон макидаст,
Шаҳди замин чашидаст,
Гандум дар дили саҳро
Якбора сар кашидаст.

Шамолак мисли элак
Намро шодон мебезад,
Шабнам аз баргу поя
Дона-дона мерезад.

Гандуми тирамоҳӣ
Бутта-бутта дамидаст,
Хӯшаи пурбори тар
Мисли кокул хамидаст.

Ҳур-ҳур вазон шамол аст,
Мурғак меравад гандум,
Гандум не, чашмони сер,
Дасти кушоди мардум…

Он, ки фасли тирамоҳ
Коридаш доман-доман,
Гандум не, зарри холис
Бардорад хирман-хирман.

# ХИРМАНКӮБӢ

Шаббода аз бари кӯҳ
Гарди шабро мерӯбад,
Шаб асту дар сари кӯҳ
Додом хирман мекӯбад.



То саҳар аз дили шаб,
Аз оғӯши хирманҷо
Ҳар тараф мешавад паҳн:
«Майда, майда, майдаё…»

Бо ҳур-ҳури шаббода
Оҳиста мешавад ҷур,
Хоби шабро парронда,
Оҳиста меравад дур.

«Майда, майда, майдаё…»
Вал чун замин гардон аст,
Каҳмайда дар зери по,
Тори сар Каҳкашон аст.

То рӯз аз паҳлуи санг
Гулхан шарора борад.
Истора аз тори кӯҳ
Моро назора дорад.

Вал ранги осиёсанг
Майда мекунад каҳро.
Зини аспу дасти ман:
«Майда, майда, майдаё…»

Кӯри бум лаб фурӯ баст,
Бедона ҳам шуд хамӯш.
Фарёди чирчиракҳо
Аз гӯша ояд ба гӯш.

Қуллаҳо масти хобанд,
Кӯҳу камар масти хоб.
Пуштаҳо масти хобанд,
Бораву ҷар масти хоб…

«Майда, майда, майдаё…»
Хобе дар дидаҳо нест…
Ҷое беҳтар дар дунё,
Аз сари хирманҷо нест.

## БУЗАКИ ХОЛДОРИ МАН

Шаб омад, шаби сармо,
Бузаки холдори ман,
Туро ёбам аз куҷо,
Бузаки ёлдори ман?

Шамолак ғурриш дорад,
Бузакам, куҷоӣ ту?
Барфи тар шӯриш дорад,
Бузакам, куҷоӣ ту?

Оғили гармат холӣ,
Бузакам, куҷоӣ ту?
Ҷояки нармат холӣ,
Бузакам, куҷоӣ ту?

Охурат пури алаф,
Бузакам, куҷой ту?
Ҷав андохтаам ду каф,
Бузакам, куҷой ту?

Шаб омад, танҳои ту?
Кунҷи камар ҷои ту?
То саҳар раҳпои ту?..
Куҷой, куҷой ту,

Бузаки холдори ман,
Бузаки ёлдори ман?



## АНГУР

Хӯсаи нӯки хода
Гунҷишка сур мекунад.

Гунҷишкак сӯи ангур
Нигаҳ аз дур мекунад.

Шикамчааш гурусна,
Сер чӣ тур мекунад?

Гунҷишкакро сӯзонда,
Ҷилва ангур мекунад.

Зери сояи ангур
Гурба хур-хур мекунад.

Бом ангур мехӯрад,
Кумур-кумур мекунад.

Ҳосили навро додом
Дида сурур мекунад.

Ангури сурхи сероб
Хонаро пур мекунад.

## ХӮШАИ ГАНДУМ

Сари хамида,
Пухта расида,
Нодаравида,
Хӯшаи гандум.

Дашти калоне,
Оби равоне,
Мавҷзаноне,
Хӯшаи гандум.

Дил беқарор аст,
Чун фасли кор аст.
Дар интизор аст,
Хӯшаи гандум.

Ку вақти хобе?
Бояд шитобӣ,
Вақти ҳисоби
Хӯшаи гандум.

Чоше зи дона,
То боми хона,
Ризқи ягона,
Хӯшаи гандум.

Дона-дона дур,
Дастархони пур,
Дасту дили зӯр,
Хӯшаи гандум.

Қуввати бобом,
Роҳати момом,
Давлати додом,
Хӯшаи гандум.

## АСПИ БОБОЯМ ЯКТОСТ

Аспи бобоям зотист,
Зоти зоташ ҳиротист.

Аспи бобоям оташ,
Оташ тамоми зоташ.

Ёлаш ранги чил кокул,
Холаш дар сурати гул.

Аспи бобом улоқист,
Мислаш аспи бузӣ нест.

Бузро набинад, доғ аст,
Доғ асту дар суроғ аст.

Бузро бинад, ҷон гирад,
Худро ба майдон гирад.

Буз дар дасти чапандоз,
Аспи бобом дар парвоз.

Сад асп агар шитобад
Аз пушташ, дар наёбад.

Аспи бобоям яктост,
Дар бузкашӣ беҳамтост.



# АЛОПАР

Алопари мо,
Турми дари мо.
Саги беҳтарин
Дар гузари мо.



Сар ба рӯи даст
Гузорад мудом,
Магӯ, ки хоб аст,
Дар гӯшаи бом.

Туро диҳад фан,
Бедор Алопар,
Бар имои ман
Тайёр Алопар.

Гар ошноӣ,
Кор надорад.
Гар бегонаӣ,
Намегузорад.

Аз дарсам оям,
Дар мекушояд,
Пешопеши ман
Ба хона ояд.

Шом ояд, аз дар
Намебарояд,
То субҳ аз бом
Намефарояд.

Алопари мо,
Турми дари мо.
Саги беҳтарин
Дар гузари мо.

## ҶАЙРА

Ҷайра аз шикор омад,
Кораш бобарор омад.
Себи сурхи хубонӣ
Дар нӯгаки хор омад.
Ҷайра аз шикор омад.

Пушти пушта, зери хор,
Баччаҳояш интизор.
Ҷайра савғо мебарад
Себи сурхи чун анор.
Ҷайра аз шикор омад.

Ҷайра баромад ба дашт,
Кучукча рӯ ба рӯ гашт.
Хоракашро ларзонид,
Кучукчаро тарсонид.
Ҷайра аз шикор омад.

Аз шуъла бар сари ҷар
Чодар мекашад саҳар.
Баччаҳакои ҷайра
Серанд мисли модар.
Ҷайра аз шикор омад.

# МӮРЧА



Оромие надорад
Мӯрча, банди кор аст,
Бор ба хона орад
Мӯрча зери бор аст.

Оварад аз раҳи дур
Кашон-кашон донаро,
Донаяки ҳамчу дур
Зеб диҳад хонаро.

Хам-хами хомаи каҳ
Мӯрчаяк равон аст,
Обу арақ рӯи раҳ
Аз сару рӯ чакон аст.

Бори ғами зиёд аст
Бурдани ғалладона,
Хаставу лек шод аст,
Дона барад ба хона.

Кор асту мекунад зист,
Кор асту мехӯрад нон…
Нони ҳалоли корист
Ҳузуру роҳати ҷон.

## ТӮР ТАНИД АНКАБУТ

Дар таги сояи тут
Тӯр танид анкабут.

Тӯраш тӯри шикорӣ,
Тӯри наву оҳорӣ.

Тори тӯраш ҳарранга,
Ҳалқааш танга-танга.

Тори тӯраш зарҳалин,
Тори тӯраш мӯ барин.

Тӯраш агар буд шавад,
Сад пашша аз худ  шавад.

Тӯй диҳад анкабут
Дар таги сояи тут.

## ШАБЧАРОҒ

Зери домани шаб монд
Раҳу пайраҳи борик,
Равшанӣ доман афшонд,
Рӯи замин шуд торик.

Гум дили шоди бум зад,
Аз чоки шах садо дод.
Чирчирак роҳгум зад,
Доде дораду фарёд.

Гунчишкаки беқрор
Бар лонааш даромад.
Мӯрчаи беозор
Бар хонааш даромад.

Қурбоққаи ваққосӣ
Миёни лойоб омад.
Вақ-вақи вақ мекунад:
Магар вақти хоб омад?

Бар гамбусаки пуркор
Раҳ рафтан омад малол,
Шабро то саҳар кунад,
Даромад зери пахол.

Аз хона берун омад
Шабчароғаки раҳбон,
Бояд ёрӣ расонад
Аз барои раҳравон.

Шабчароғак дар гиронд
Шабчароғашро даррав.
Раҳ бояд равшан бошад
Ба раҳравони шабрав.

## КАБКИ ДАРӢ

Кабки ман кабки дарӣ,
Бинӣ, ҳасад мебарӣ.

Кабки ман кабки ром аст,
Қосиди субҳу шом аст.

Кабки ман соати ман,
Аз хоби роҳати ман.

Ҳар саҳарӣ беозор
Маро мекунад бедор.

Рӯи кат мебарояд,
Дар  гӯшам месарояд.

Овози чира дорад,
Овозаш шира дорад,

Ҳавои дара дорад,
Сози шаршара дорад.

Кабкам барорад овоз,
Ҳуши маро барад боз,

Кӯҳу арчазороне,
Сабзаву баҳороне,

Чашмаву оби сарде,
Пайраҳи оҳугарде…

Овозаш меравад дур,
Як ҳавлӣ мешавад пур.

Бо кабки худ дар хона
Аз кӯҳ дорам нишона.

Кабки ман хушилҳон аст,
Як пора кӯҳистон аст.



## ЧИГӢ-ЧИГӢ, ШӮК-ШӮК

Гӯсолаи маҳрӯро
Худи ман чаро бурдам,
Бузғолаи хушрӯро
Худи ман чаро бурдам.
Аз ҷӯ он тараф бурдам,
Ҷои сералаф бурдам.
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк,
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк!

Гӯсолаам маос зад,
Надонистам чиҳо гуфт.
Бузғолаам баос зад,
Надонистам чиҳо гуфт.
Гӯсола ин тараф рафт,
Надонистам куҷо рафт.
Бузғола он тараф рафт,
Надонистам куҷо рафт.
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк,
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк!

Давидаму давидам,
Надидаму тарсидам.
Гӯсолаи маҳрӯям,
Бузғолаи хушрӯям,
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк,
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк!

Аз ин сӯ маос омад,
Аз он сӯ баос омад.
Гӯсола ҷеғам дорад,
Бузғола ҷеғам дорад.
Шояд маро надиданд,
Шояд бе ман тарсиданд…
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк,
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк!

## ЧӮҶАҲО

Чӯҷабарак аз саҳар
Чӯҷаҳоро мекобад.
Ҳама ҷоро мекобад,
Мекобад, намеёбад.

Чӯҷаҳо ранги замин,
Чӯҷаҳо ранги обанд.
Зери буттаро бубин,
Чӯҷаҳо ҳама хобанд.

Аз себаргаву ҳулбӯ
Зери сар болин доранд.
Аз юнучқаву қоқу
Зери по қолин доранд.

Чӯҷаҳо бетартиб не,
Ғавғо намебардоранд.
Чӯҷаҳо бесоҳиб не,
Чӯҷаҳо соҳиб доранд.

Чӯҷаҳо оча доранд,
Чӯҷаҳо додо доранд,
Чӯҷаҳо апа доранд,
Чӯҷаҳо ако доранд.

Чӯҷабарк аз саҳар
Чӯҷаҳоро мекобад.
То бегоҳ кобад агар,
Ҳаргиз ӯ намеёбад.

# ҶОНАКАШ ДАР ХАТАР МОНД

Шағолак шикор омад,
Аз зери гулхор омад,
Аз сари девор омад,
Пеши мурғаки парпо
Вақти шоми тор омад.



Мурғак дар шохи дарахт,
Хобакаш бурда буд сахт,
Бехабар буду карахт.
Шағолак лаб мелесид,
Дар дил мегуфт: «Ё бахт!»

Ду чашмаш ду мушт алав,
Мекард оҳистаяк рав,
Ки гирадаш ба як дав.
Даҳонаш об медод
Аз дидани сайди нав.

Алопар аз як канор,
Сӯи шағоли айёр,
Дошт нигаҳ бо виқор.
Пуштибон буд Алопар
Ба мурғаки беозор.

Шағолак омад ба шаст
Зери он шохаки паст,
Ки сайд оварад ба даст.
Аз ҷои худ бесадо
Алопар ногаҳон ҷаст.

Шағолак бехабар монд,
Ҷонакаш дар хатар монд,
Гурехт, рӯ ба ҷар монд.
Нисфи думи шағолак
Дар чанги Алопар монд.

## ХУРӮСАК

Хурӯсак калон шудаст,
Чобуку чаққон шудаст,
Дар миёни чӯҷаҳо
Хеле намоён шудаст.

Тоҷакашро ларзонда,
Думакашро ҷунбонда,
Хурӯсак раҳ меравад,
Калон-калон по монда.

Мисли ӯ тоҷи зебо,
Болҳои тавоно,
Думи базеби хушранг
Мурғаке дорад оё?

По монданашро бубин,
Як мурғи калон барин.
Озоре намеёбад
Дар зери пояш замин.

Раҳ ба раҳ пари болаш
Меларзад аз шамолаш.
Додару хоҳаронаш
Равона аз дунболаш.

Ҳайрон-ҳайрон ба роҳаш
Бузғола дорад нигоҳ,
Гӯсола нигаҳ дорад
Бо даҳони пури коҳ.

Ба роҳаш аз турми дар
Нигаҳ дорад Алопар.
Гунҷишкак нигаҳ дорад
Сӯяш аз шохи ар-ар.

Хурӯсаки бовиқор
Намедиҳад эътибор,
Ниҳон мешавад аз чашм
Дар пая,
Паси ҷӯбор…

Хурӯсак калон шудаст,
Манфиатрасон шудаст,
Ба додару хоҳараш
Сару нигаҳбон шудаст.

Тоҷакашро ларзонда,
Думакашро ҷунбонда,
Хурӯсак раҳ меравад,
Калон-калон по монда.

## МУРҒОН ЧИҲО МЕГӮЯНД?

– Қар-қар, – меояд аз боғ,
Қар-қари қар дорад зоғ,
Чиҳо мегӯяд ба мо
Бо қар-қар зоғи сиёҳ?
– Шаб омад, шаби маҳтоб,
Хоб омад лаб-лаби об,
Хобед акнун, баччаҳо!

Акка дар тори кишмиш
Акка мекунад ғиш-ғиш.
Чиҳо мегӯяд ба мо
Аккаи ало-було?
– Шаб омад, шаби маҳтоб,
Хоб омад лаб-лаби об,
Хобед акнун, баччаҳо!

Гунҷишкаки ноором
Чиқ-чиқ дорад лаби бом,
Чиҳо мегӯяд ба мо
Гунҷишки маҳмаддоно?
– Шаб омад, шаби маҳтоб,
Хоб омад лаб-лаби об,
Хобед акнун, баччаҳо!

Ҳум-ҳуми ҳум дорад бум,
Чӣ мегӯяд бо ҳум-ҳум
Кӯри буми чашмало?
– Шаб омад, шаби маҳтоб,

Хоб омад лаб-лаби об,
Хобед акнун, баччаҳо!

Мусича ку-ку дорад,
Ку-ку лаби ҷӯ дорад.
Чиҳо мегӯяд ба мо
Мусичеки бегунаҳ?
– Шаб рафту саҳар омад,
Саҳар пушти дар омад,
Хезед акнун, баччаҳо!

## АМАКҶОНИ КОСМОНАВТ

Амакҷони космонавт,
Меҳрубони космонавт,
Ба маҳ равӣ ин сафар,
Маро ҳамроҳи худ бар,
Гиря намекунам ман,
Гиря намекунам ман.

Нагӯ, ки роҳ дур аст,
Нагӯ, ки моҳ дур аст.
Гиря намекунам ман,
Гиря намекунам ман.

Маҳро мехоҳам бинам,
Рӯ ба рӯяш нишинам.
Шона занам ба мӯяш,
Муччӣ кунам аз рӯяш…

Амакҷони космонавт,
Меҳрубони космонавт,
Ба маҳ равӣ ин сафар,
Маро ҳамроҳи худ бар,
Гиря намекунам ман,
Гиря намекунам ман.

## ВАРЗИШ МЕКУНАД АҲРОР

Офтоби зарнигор
Саҳар аз дар дарояд,
Гунҷишкаки беқарор
Чириқ-чириқ сарояд,
Тозон ба рӯи ҳавлӣ
Аҳрор мебарояд.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.



Гаҳ мешавад хаму рост,
Монанди химчаи тар,
Гоҳе пар-пар мезанад
Ба сурати кабутар,
Раҳ меравад бо дасташ,
Гоҳе меистад бо сар.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

Аз қафас кабки хушхон
Аз остона Мошон,

Алопар аз лаби бом,
Аз боғ мурғи марҷон,
Бар шину хези Аҳрор
Дӯзанд чашми ҳайрон.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

Ширин хандад ба рӯяш,
Офтоби шуълабор.
Бозӣ кунад бо мӯяш,
Насими оби ҷӯбор.
Рухсораҳои Аҳрор
Сурх ба мисли анор.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

## АЛЛАЁ, АЛЛА

Хоб омаду хоб омад,
Хоб аз лаби об омад,
Бо нури маҳтоб омад,
Аллаё, алла, алла,
Аллаё, алла, алла.

Хоб омад таг-таги ҷар,
Хобид кӯҳу камар,
Хобид сабзаи тар,
Аллаё, алла, алла,
Аллаё, алла, алла.

Хирсаки раҳпо хобид,
Гургаки ало хобид,
Ҳама ҳар куҷо хобид,
Аллаё, алла, алла,
Аллаё, алла, алла.

Шамолак ҳур-ҳур дорад,
Гурбача хур-хур дорад,
Хобида ҳузур дорад,
Аллаё, алла, алла,
Аллаё, алла, алла.

Мусича намепарад,
Бузича намечарад,
Хоби Фарангис барад,
Аллаё, алла, алла,
Аллаё, алла, алла.

## КӢ БОШАД?

Кӣ бошад ӯ, кӣ бошад?
Рӯе панаҳ таги мӯ,

Байни косаву чумча
Сари ду по, лаби ҷӯ.

Чумча дар рӯи сабза,
Коса сари дасти ӯ.

Чумча асалолуда,
Дар лаби чумча ору.

Косаву чумча шӯяд
Дар обаки софи ҷӯ.

Кӣ бошад ӯ, кӣ бошад,
Косашӯи кулчарӯ?

## ЯК ДОНА МАРВОРӢ

Як дона марворӣ,
Ду дона марворӣ.

Қадаш баланду борик
Худи санавбар ворӣ.

Ду кокули сиёҳаш
Ду химчаи тар ворӣ.

Абрӯҳои пайвандаш
Боли кабутар ворӣ.

Ду рӯяки сафедаш,
Вараќи дафтар ворӣ.

Рӯмолакаш даври сар
Абри даргузар ворӣ.

Куртааш чун лолае,
Лолаи аҳмар ворӣ.

Раҳгаштанакоша бин,
Кабки лаби ҷар ворӣ.

Чашмакаш ханда резад,
Шуълаи саҳар ворӣ.

Гапакаш хубу ширин,
Шарбату шакар ворӣ…

Як дона марворӣ,
Ду дона марворӣ,

Аллаи модар ворӣ,
Хандаи падар ворӣ.

## КУҶО РАФТӢ, АНВАРҶОН?

– Куҷо рафтӣ, Анварҷон?
– Саҳро рафтам, модарҷон.
– Чаро рафтӣ, Анварҷон?
– Каҳ овардам, модарҷон.
– Каҳ чӣ лозим, Анварҷон?
– Ба гав диҳам, модарҷон.
– Куҷо рафтӣ, Анварҷон?
– Дарё рафтам, модарҷон.

– Чаро рафтӣ, Анварҷон?
– Об овардам, модарҷон.
– Чӣ лозим об, Анварҷон?
– Ба гав диҳам, модарҷон.
Гови ало шавад сер,
Хурма шавад пури шир.
– Хурма шавад пури шир,
Маска кунему панир.
Кӣ мехӯрад, Анварҷон?
– Ману шумо, модарҷон.

## РАФТАМ НАЗДИ БОБОЯМ

Давидаму давидам,
Назди бобом расидам.

Деҳи бобома дидам,
Сураташро кашидам.

Кӯҳи деҳа пурарча,
Заминаш парча-парча.

Обаш шаффофи шаффоф,
Осмонаш софи соф.

Хонаҳояш зери шах,
Шахҳояш дар зери ях.

Яхҳояш яхҳои пир,
Ҷои чарои нахчир.

Тирукамон овезон
Мешавад баъди борон.

Як сараш дар шаршара,
Як сараш дар подара…

Давидаму давидам,
Назди бобом расидам.

Деҳи бобома дидам,
Сураташро кашидам.

Боз ин сон деҳи зебо
Бошад дар рӯи дунё?

## ЛАБИ ҶАР, ДАР ПАСИ ДАР

Хонаи дилҷӯ кардам,
Лаби ҷар, дар паси дар.
Дар паҳлуи ҷӯ кардам
Хонае аз реги тар.

Рег омад болои рег,
Девори зебое шуд,
Бомаш дар сурати дег,
Боми барҳавое шуд.

Бо дастам деворашро
Хеле андова кардам.
Зинаи ҳамворашро
Аз санги тоба кардам.

Ман дар канори ҷӯбор,
Касе хабр надорад,
Хонаи регӣ тайёр,
Фақат як дар надорад.

Лекин нагӯ, ки бедар,
Нагӯ саҳнаш калон нест…
Лаби ҷар,
Дар паси дар
Хона кардан осон нест.

## БО КӢ БАРОБАР ШАВАМ?

Аз кӣ бигирам ибрат,
Бо роҳи кӣ равам ман?
Дар зиндагонии худ
Ҳампои кӣ шавам ман?



Бобокалони пирам,
Пире аз инқилоб аст.
Ҳар рӯзи рӯзгораш
Маънои сад китоб аст.

Бобом асоси колхоз
Дар деҳи мо ниҳода,
Бар дастҳои танҳо
Ӯ дастҷамъӣ дода.



Додоям ҷангдида,
Додоям қаҳрамон аст.
Сарсинааш пуропур
Аз медалу нишон аст.

Пурсӣ гар аз акоям,
Як пахтакори номист.
Дар деҳа байни мардум
Марди боэҳтиромест.

Пас аз кӣ гирам ибрат,
Бо роҳи кӣ равам ман?
Дар зиндагонии худ
Ҳампои кӣ шавам ман?

## МАНУ ҶӮРАҲОИ МАН

Ману ҷӯраҳои ман
Як деҳаи пур астем,
Ману ҷӯраҳои ман
Дар кор чирадастем.

Ҷое, ки ҷои ёрист,
Ҷои мо бошад он ҷо.
Хурд магӯ, ҳама кор
Меояд аз дасти мо.

Холаи Марям бекас,
Вале магар ӯ танҳост?!
Моем хабаргиронаш,
Ӯ холаи ҷони мост.

Рамаи деҳ дар Такоб,
Чӯпон акои Тилло.
Кӣ боғашро диҳад об?
Кӣ мебуд? Албатта, мо.

Хатро кӣ мекашонад,
Нотоб амаки Равшан?
Кӣ мебуд? Албатта, мо –
Ману ҷӯраҳои ман…

Якеро диҳӣ овоз,
Ҳама ояд ба майдон.
Мо ҳама дасти дароз,
Мо ҳама пои равон…

Ману ҷӯраҳои ман
Дар кор чирадастем,
Ману ҷӯраҳои ман
Як деҳаи пур астем.

## ЯК РЕЗА КӮҲ

Кӯҳистон ҷои зебост,
Кӯҳистон чун китоб аст,
Дар ин китоб чун сатр
Пайроҳа беҳисоб аст.

Ҳар пайраҳаи борик
Маънние дорад ниҳон,
То маъниро дарёбӣ,
Сад гуна дорад нишон.

Мисли марди кӯҳнавард,
Бояд ба раҳ назар кард.
Чун маънӣ муқаррар шуд,
Он гаҳ бояд гузар кард.

Ман, ки шиноси кӯҳам,
Дониста по мемонам.
Китоби кӯҳҳоро
Ман хонда метавонам.

Гарчи ба ҳам мемонад,
Пайроҳаи бешумор,
Валекин фарқ дорад,
Пайроҳа дар ин кӯҳсор.

Ин пайраҳа мебарад
Ноаён сӯи тарма,
Дар ин пайраҳ набинӣ
Рӯи ҳавои гарма.

Дар ин пайроҳаи сабз
Нақш ниҳода нахчир,
Мебарад ин пайраҳа
Бар оғӯши яхи пир.

Ин пайраҳаи сарпеч
Сар ниҳад бар пои рез,
Боз поят налағҷад,
Оҳиста рав, надав тез.

Оғози ин пайраҳа
Аз самти обшор аст,
Анҷоми ин пайраҳа
Дар байни бурсзор аст.

В-ин пайраҳаи пурчанг,
Оварад сӯи деҳа,
Рост бикун нафасро,
Мерасад бӯи деҳа…

Ҳайрон астӣ, чӣ гуна
Кӯҳистонро медонам?
Китоби кӯҳҳоро
Осон ба ту мехонам…

Кӯҳистонро чун китоб
Пеши чашмат кушодам.
Ин манам, як реза кӯҳ,
Ин манам, кӯҳзодам.

## МАГАР МАН КАЛОН ШУДАМ?

Дирӯз рӯи роҳам
Ҳар он чӣ буд, дигар буд,
Имрӯз дар нигоҳам
Чаро ҳама дигар шуд?

Чаро саҳар ин қадар
Тозаву тар аст имрӯз?
Саҳаре чун ин саҳар
Надидаам то ҳанӯз.

Дигар садо медиҳад
Ин саҳар оби ҷӯбор,
Овози дили маро
Магар мекунад такрор?

Мехоҳам, ки суруде
Хонам чу оби дарё,
Чун бод пар барорам,
Тай кунам кӯҳу саҳро.

Чаҳ-чаҳ мезанад булбул,
Лаҳни хуш дорад имрӯз,
Бӯидани шохи гул
Ба ман мефорад имрӯз.

Имрӯз аввалин бор
Дидам, ки лола зебост,
Сунбул чу тори кокул,
Бобуна чашми шаҳлост.

Дидам, ки дар лаби гул
Шабнам ба ранги холест.
Бо ман пур аст атроф,
Бе ман замини холист…

Дирӯз рӯи роҳам
Ҳар он чӣ буд, дигар буд,
Имрӯз дар нигоҳам
Чаро ҳама дигар шуд?

Бовар намекунам ман
Акнун ба чашми худам…
Чаро ман ин қадар шод?
Магар ман калон шудам?

## СУРАТГАР

Суратгарам, фаровон
Майли ин ҳунар дорам.
Мегирад суратам ҷон,
Чун рӯи дафтар орам.

Хирман кашам, метавон
Ҷӯраи ҷон, кӯбидан.
Ҳавлиро кашам, осон
Метавонӣ рӯбидан.

Уштур кашам, бехато
Сӯи саҳро мебарад.
Чумчуқ кашам, бар ҳаво
Аз дафтарам мепард.

Ҷӯ кашам, оби зулол
Тозон тарона хонад.
Арча кашам, аз шамол
Шохи худро ҷунбонад.

Мӯрӣ кашам, меравад
Аз мӯрӣ бар фазо дуд.
Абр кашам, медавад
Дар осмони кабуд…

Ҳар чиро бинам агар,
Тасвирашро тавонам.
Ғайри оби чашми тар,
Ки чакад чак-чак аз ғам.

Тоби ашке надорам,
Гар чакад рӯи дафтар.
Аз чакрааш метарсам,
Суратам мешавад тар…

Суратгарам, фаровон
Майли ин ҳунар дорам.
Суратам мегирад ҷон,
Чун рӯи дафтар орам.

## АСОИ ЧӮПОН

Чӯби оддӣ асои чӯпон нест,
Роздони раҳи кӯҳистон аст.
Хубтар бин, ки чӯб чандон нест,
Дӯсти ҷоннисори чӯпон аст.

Ҳама дам як қадам ба сӯи роҳ
Пештар мегузорад аз чӯпон.
Як қадам пештар шавад огоҳ
Аз нишебу фарози кӯҳистон.

Роҳ гирад ҳамора бо чӯпон,
Офтоб асту барфу бӯрон аст.
Дар хами ёлаҳои кӯҳистон
Мӯнисе аз барои чӯпон аст.

Такя чӯпон даме кунад ба асо,
Чашм аз ёла афканад сӯи мол,
Рӯи болаш варо ба сони ҳумо,
Бинишонад сабук мурғи хаёл.

Рӯзи сармои сахти кӯҳистон
Гармии дастҳои чӯпон аст.
Чоштгоҳони рӯзи тобистон
Тири чодар барои чӯпон аст.

Бим чӯпон надорад аз шаби тор,
Чун асо ёри ҷонфидо дорад.
Хавф худро кашад аз ӯ ба канор,
Баски дар дасти худ асо дорад.

Муттако чун асо шавад ба миён,
Бори кӯҳе бияфтад аз дӯшаш.
Боз ояд мадори пои равон,
Кӯби раҳ мешавад фаромӯшаш.

Бар сари китфи худ гузорад асо,
Китфи пасташ шавад чу кӯҳи баланд.
Аз бари бора бо сари боло
То сари кӯҳ раҳ равад хурсанд.

Аз сари теғае диҳад чу садо,
Даври сар чун асо бигардонад,
Дакка гӯӣ занад асо ба само,
Нақш дар сақфи осмон  монад.

Дар ҷаҳон гар асои бисёр аст,
Беҳ асо аз асои чӯпон  нест.
Гарчи як тағна чӯби бехор аст,
Гарчи зебо ба чашм чандон нест.

Бе ҳамин чӯбдасти дасти расо
Неъмате рӯи хон фаровон нест…
Хубтар бин асои чӯпонро,
Чӯби оддӣ асои чӯпон нест.

## ПИРАМАРДИ КӮЧАРӮБ

Субҳ сармасти хоб аст,
Равшан чашми ситора,
Тасвире нуқратоб аст,
Дар чашм кӯҳу бора.

Марди пири кӯчарӯб
Кӯча рӯбад бо шитоб,
Аз чашми субҳ ҷорӯб
Мерӯбад ғубори хоб.

Аз кӯча меғундорад
Шабро оҳиста ҷорӯб,
Субҳи нав хона дорад
Дар чашмони кӯчарӯб.

Гард мирад аз ҷорӯб,
Кӯча тоза гирад ҷон,
Пеши чашми кӯчарӯб
Шаҳр мехезад ҷавон.

Субҳ дорад ҷустуҷӯ
Рӯи ӯро бо ҳавас
В-аз нафаси гарми ӯ
Гарм то гирад нафас.

Аз рӯи шаб равад ранг
Тобон шавад тоби субҳ,
Дар зери пардаи чанг
Хуш хонад китоби субҳ.

Субҳ сармасти хоб аст,
Равшан чашми ситора,
Тасвире нуқратоб аст,
Дар чашм кӯҳу бора.

Пешу пас дар раву о,
Сабр надорад ҷорӯб,
Дар чашми саҳар зиё
Зинда кунад кӯчарӯб.

Савте фораму такрор
Бар гӯш аз ҷорӯб ояд,
Бар кӯча чун дар баҳор
Зебу зинат бахшояд.



## ГУЛДАСТА ДАСТА-ДАСТА

Аз ҳар даре ба кӯча
Гулдастае баромад,
Кӯча лаб-лаби ҷӯча,
Бар кӯча ҷон даромад.

Даста-даста саф баста,
Бо як тараб меояд,
Гулдаста даста-даста,
Сӯи мактаб меояд.

Лаб механдаду нигоҳ,
Хандон рӯи мисли гул,
Гул дар кафу гул дар роҳ,
Гул дар хами чил кокул.

Деҳа аз гул лаболаб,
Бому дар гулфишон аст,
Саҳни зебои  мактаб
Чун саҳни гулситон  аст.

Субҳи софу дилписанд
Субҳи оғози хониш.
Шохобаҳо меоянд
Сӯи дарёи дониш.

## ЧӢ БОЯД КАРД?

Махфират духтари нағз,
Мо як бодому ду мағз.
Чизе махфӣ аз корам Дар
пеши ӯ надорам.
Махфират меҳрубон аст,
Махфират ҷони ҷон аст.
Танҳо як одаташ бад,
Гап дар дилаш нахобад.
Гуфтам айбашро сад бор,
Сад бор гашт такрор…
Дина мо кино рафтем,
Берухсате мо рафтем,
Бе дугонаҳо рафтем,
Махфӣ мо кино рафтем.
Гуфтам, ки махфӣ монад,
Ҷуз мо касе надонад,
Қавли қатъӣ ба ман дод,
К-ин каҳ намешавад бод.
Имрӯз мактаб оям,
Аз ҳар даре дароям,
Миш-мише дар даҳонҳост,
Аз кори махфии мост…
Махфират духтари нағз,
Мо як бодому ду мағз,
Танҳо як одаташ бад,
Гап дар дилаш нахобад.
Ислоҳ ӯро шояд кард?
Чӣ сон ислоҳ бояд кард?

## ҚОБИЛ Ё НОҚОБИЛ?



Ноқобил дар хоби хуш
Худро ногаҳ қобил дид:
Ҷуз ӯ ҳама бекор аст,
Хобида дар таги бед.

Дубора чун паҳлу гашт,
Ноқобилак худро дид:
Ҷумла саргарми коранд,
Ӯ хуфта дар зери бед.

Аз хобаш чун шуд бедор,
Ноқобил гуфто дар дил:
«Дар асл ман кӣ ҳастам,
Қобилам ё ноқобил?»

## САЛОМИ СОҚӢ

Сари Соқӣ бетоқӣ,
Тоқӣ дар сари Боқӣ,
Пешу қафо дароянд,
Аз дар Боқию Соқӣ.

Лаб накушояд Соқӣ,
Саломе гӯяд Боқӣ.
Куҷо шуд аз пагоҳӣ
Саломи қарз, Соқӣ?

Соқӣ ду кисаашро
Чун ду халта мекобад,
Саломашро гум кардаст,
Мекобад, намеёбад.

Шарми Боқӣ меояд,
Биннӣ мехорад Соқӣ…
Саломи Соқӣ мондаст
Дар хона таги тоқӣ.

## ЧАРО?

Танам дарде надорад,
Дастаму поям баҷо,
Мехоҳам коре кунам,
Наметавонам, чаро?

Ҳавлиро бояд рӯбам,
Шӯям рӯи хонаро,
Аммо наметавонам,
Хушам наояд чаро?

Оби равон мехоҳад
Полези пурбори мо,
Сӯяш оби равонро
Намегардонам, чаро?

Китобамро кушоям,
Ҳушам равад ҳар куҷо,
Ҳуши парешони ман
Ҷамъ наёяд, чаро?

Ғулғули бозӣ ояд
Бар гӯшам аз кӯчаҳо,
Дар ҷои худ нишастан
Наметавонам, чаро?

## ВАЪДА

Ваъда амри виҷдон аст,
Оинаи эътибор,
Ваъда додан осон аст,
Иҷрои ваъда душвор.

Ваъда гапи пухта аст,
Ваъда гапи тамом аст,
Гапи ту ҷон надорад,
Ваъдаат агар хом аст.

Ваъда додан осон шуд,
Барои ҳамсинфонам,
Ваъда моли арзон шуд
Дар синфи мо, ҳайронам.

Ғайрати хондани дарс
Ғайрати мо надорад.
Аз ваъда пурсон шавӣ,
Ҳамеша сар мехорад.

Дер ояд мактаб саҳар,
Ваъда медиҳад Далер,
Валекин рӯзи дигар
Боз биёяд ӯ дер.

Ширин духтари ширин,
Айбе дорад – суханчин,
Гуноҳаш таъин шавад
Ваъда медиҳад Ширин…

Кори Меҳрубони мо
Гиребон асту мушт аст.
Сад ваъда дод, аммо
Боз ҳамон дурушт аст.

Чаро ваъда медиҳӣ,
Агар бовар надорӣ?
Чаро ваъда медиҳӣ,
Вафо агар надорӣ?

Ваъдаро додан осон,
Иҷро кардан муҳол аст.
Ваъда чун пораи нон,
Партофтан убол аст.

## КӢ ХАСТАТАР МЕШАВАД?

Миён маҳкам бубаста,
Побел мекунад Исо,
Рӯи курсӣ нишаста
Гап мефурӯшад Мӯсо.

Дона-дона мешорад,
Арақ аз рӯи Исо,
Майли ёрӣ надорад
Ба Исо ҳеҷ Мӯсо.

Мӯсо овораи гап,
Исо овораи кор.
Бигӯ, кадоми онҳо
Хаста мешавад бисёр?

## ЗЕРИ АЙВОН, ПАСИ МИЗ



Айвоне дар кунҷи боғ,
Кунҷе равшан аз чароғ.

Чароғе болои кат,
Кате болои намад,

Намаде танга-танга
Пури гулҳои ранга.

Паҳн таги тиреза,
Коғазе реза-реза,

Бо дафтару қаламдон,
Рӯи намад парешон.

Таги кат ҷӯи об аст,
Қобилҷон масти хоб аст.

Сараш болои китоб,
Сабақро мебинад хоб.

## ҲАВО ПАРВО НАДОРАД

Кӯҳу камар сап-сафед,
Бораву ҷар сап-сафед,

Роҳи гузар сап-сафед,
Хонаву дар сап-сафед.

Оби дарё дамида,
Дарахтон сар хамида.

Мусичаҳо бедонанд,
Бедона гунҷишконанд.

Ҳаво парво надорад
Мебораду меборад…

Меборад шишапора,
Ё резаи ситора?

## БОБОБАРФӢ

Ҷомаи бобо тунук,
Ҷомаи бобо сафед,
Натарсад лек аз хунук,
Наларзад чун барги  бед.

Дар дасти бобо сатил,
Дар дасти бобо ҷорӯб,
Рӯ ниҳода ба соҳил
Furobоҷони кӯчарӯб.

Ҳар қадар барф борад,
Ҳар қадар хунук ояд,
Бобо парво надорад,
Боз табъаш кушояд.

Аммо тоқати гармо
Бобо надорад, бинӣ,
Чак-чак мечакад ӯро
Об аз рӯю аз биннӣ.

Бобо мезанад ҷорӯб,
Барф аз сараш резон аст.
Furobоҷони кӯчарӯб
Зинати зимистон аст.

## КАБК ВА БАРФ

Кабк аз сари шах омад,
Рӯ-рӯяки ях омад,
Шабона хона омад,
То остона омад.

Донае ҷуста омад,
Хонае ҷуста омад.
Хонаш сари шах мондаст,
Зери барфу ях мондаст.

Гӯши ҳаво хоридаст,
Шаб ҳама шаб боридаст,
Ки на реге намудор,
На буттаи хасу хор.
Ҳама аз барфи баланд
Ҷома ба бар кардаанд,
Хам шохҳои дарахт,
Деҳа сард асту карахт.

Саҳар аз дари хона,
Кабки беобу дона
Хеле қақар-қақар кард,
Аз худ маро хабар кард,
Ки аз хона бароям,
Бар дамаки дар оям,
Обаку донаш диҳам,
Ҷою маконаш диҳам.



Нонаш додам, нонро хӯрд,
Донаш додам, донро хӯрд.
Вақте чакра чакон шуд,
Барфоба, ки давон шуд,
Кабк шодон сӯи шах
Аз раҳи бебарфу ях,
Қақразанон равон шуд,
Дилакам баҳорон шуд.

## СОЛИ НАВ МУБОРАК БОД!

Шамолак раҳ мерӯбад,
Субҳи нав дар мекӯбад,
Ҳама хуррам,
Ҳама шод,
Соли нав муборак бод!
Боз бирафт аз миён
Як соли амну амон,
Як соли пур аз ҷидол,
Як соли кори ҳалол.
Бирафту бар мо нишон
Аз худ дар ҳар қадам монд:
Фатҳи тозаи кайҳон,
Бо шоҳроҳи БАМ монд.
Аз соли куҳан гарав
Бояд барад соли нав,
Ҳар соате бубояд,
Дар бар зафар кушояд
То афзояд дуболо
Шаъни диёри моро…
Шамолак раҳ мерӯбад,
Субҳи нав дар мекӯбад,
Дар чашму рӯи мардум
Гул мекунад табассум.
Ҳама хуррам,
Ҳама шод,
Соли нав муборак бод!

# Қ И С С А Ҳ О

## СЕ ДОДАРУ ЯК ХОҲАР

**1**

Се додаракон буданд,
Се марди ҷавон буданд,

Ба ҳам меҳрубон буданд,
Ҳамдилу ҳамҷон буданд.

Се додар як хоҳар дошт,
Хоҳаре маҳпайкар дошт.

Аз барои се додар
Ҳам ҷон буду ҳам ҷигар.

**2**

Деҳи сабзи се додар,
Байни кӯҳ буду камар.

Даври деҳ деворе буд,
Деҳа не, ҳисоре буд.

Дури дур буд ин деҳа,
Серу пур буд ин деҳа.

Се додари донишманд,
Се додари сарбаланд,

Дилу ҷони деҳ буданд,
Нигаҳбони деҳ буданд.

**3**

Хасме бадхоҳу палид
Сӯи деҳ лашкар кашид.

То бад кунад ҳоли деҳ,
Тала кунад моли деҳ.

Бар аҳли деҳ се додар,
Ёвар шуданду сарвар.

Фарзандони баоранд,
Нангу номусе доранд.

То деҳ нашавад вайрон,
Аз бедоди душманон.

Вақти тиру камон шуд,
Майдон ҷои мардон шуд.

**4**

Ҷанге шуд се шабу рӯз,
Ҷанге шуд хонумонсӯз.

Марду зан буд дар набард,
Деҳа сар хам намекард.

Се додари ҷавонмард,
Роҳнамоӣ мекард.

Сафи душман мешикаст,
Раҳи душманро мебаст.

Дар сафи се додарон
Истода хоҳари ҷон.

Дар дасти ӯ камон буд,
Марг ба душманон буд.

**5**

Деҳа оби равон дошт,
Як ҷӯ оби давон дошт.

Душман он сӯ назар кард,
Роҳи ҷӯро дигар кард.

**6**

Се додар фурсате чанд
Бар андеша афтоданд.

Кокулсиёҳак хоҳар,
Гуфто сӯи се додар:

– Рухсат агар диҳедам,
Берун аз дар ниҳедам,

Рустӣ аз чашми душман,
Ба деҳ об оварам ман.

Маслиҳат омад писанд,
Се додар розӣ шуданд.

**7**

Раҳ буд раҳаки борик,
Шаб буд шабаки торик,

Хоҳарак рустӣ аз дар
Нимишаб омад бадар.

Рустӣ сари об омад,
Дар соати хоб омад.

Оби бастаро сар дод,
Сар доду асир афтод.

**8**

Дар пои деҳ шабона
Оташе зад забона.

Хоҳаракро тане чанд
Назди оташ оварданд.

Ғамдида буд, хаста буд,
Ду дасти ӯ баста буд.



**9**

Саркардаи душманон
Гуфто ба хоҳари ҷон:

– Яке раҳ дар пеши туст,
Андеша бикун дуруст.

Бар додаронат бигӯ,
Дар баҳои ҷони ту,

Пеши мо сар фароранд,
Деҳро ба мо супоранд.

Ҷоне ба ҷон мехарӣ,
Ҷон бар амон мебарӣ.

Рӯ тобӣ, бишкастадаст,
Ҷоят мағзи оташ аст.

## 10

Хоҳарак лабханде кард,
Ба кӯҳ назар чанде кард,

Ба деҳ чанде назар кард,
Назар ба кӯю дар кард.

Ба се додар назар кард,
Пас нидо аз ҷигар кард.

«Эй меҳрубонони ман,
Ҷон ба ҷои ҷони ман,

Се нури дидаҳоям,
Ман хоҳари шумоям.

Ман мемирам, бидонед,
То шумо зинда монед.

Шумо, то метавонед,
Қасд аз душман ситонед!»

Хоҳараки сарбаланд
Худро ба оташ афканд.

## 11

Се додаракон диданд,
Лаб аз ғазаб газиданд.

Ҳамин дам аз се канор,
Аз се гӯши ҳисор,

Аз камони се додар
Се додари як хоҳар,

Бар сари душмани ҷон
Тир омад мисли борон.

Аз се сӯ чун се лашкар
Ба ҷанг омад се додар.

Душмани берӯю раҳм,
Ба ларза афтоду ваҳм,

Ҷанге мисли пода кард,
Думи худро хода кард.

## ДУ ХОҲАРОН

*(Афсонаи қарақалпоқӣ.*
*Мазмун аз М.Воловик)*



Обу Замин – ду хоҳарон,
Ду хоҳарони меҳрубон,

Ҳамдил буданду ҳамзабон,
Ҷоне ба ҳам дар ҷои ҷон.

Ду хоҳарон зебо буданд,
Ду гавҳари якто буданд.

Ошиқ ба майли беҳисоб
Бар хоҳарон буд Офтоб.

Аз шӯълаи ин ишқи пок
Пайваста гул мекард хок.

Оби равон бикшода чин,
Бӯсида аз рӯи Замин.

Мехест дар ранги саҳоб,
Пеши нигоҳи Офтоб.

Ҳаргиз набуд фикри камӣ,
Хурсандӣ буду хуррамӣ.

Танҳо шамоли беқарор,
Он бадсиришти нобакор,

Ҳар вақт байни хоҳарон
Мекишт доне аз гумон.

Мегуфт бар гӯши Замин,
Танҳо агар ёбад: – Бубин,

Рӯзи тамоме сӯи Об
Наззора дорад Офтоб.

Бо Об мегуфт инчунин:
– Эй бехабар, бин, бар Замин,

Ширин нигаҳ кард Офтоб,
Гул ҳадя овард Офтоб.

Гарчи барои Офтоб
Як ҳам Замин буду ҳам Об,

Ҳарфи Шамоли бадгуҳар
Бар дил ниҳод аз худ асар.

Ду хоҳари мушфиқ буданд,
Аз рашк ду душман шуданд.

Коре ба дилҳо кина кард,
Ғам хона андар сина кард.

Ку ханда? Ку завқи шабоб?
Пажмурда гул шуд, тира об.

Аз нури гарми Офтоб
Дигар нагирад баҳра Об,

Аз хок н-ояд бӯи мушк,
Мешуд Замин дар чашм хушк.

Ҷаҳлу ҳасад ҳамхона шуд,
Меҳру вафо бегона шуд.

Рафтанд аз роҳи газанд,
То бад ду тан бо ҳам кунанд.

Туғён гаҳе мекард Об,
Ҳоли Замин мешуд хароб.

Гаҳ мемакид аз рӯи кин,
Рӯди пуроберо Замин.

Бар Офтоб аз осмон
Метофт кори хоҳарон,

Аммо набуд равшан чаро
Сар зад чунин як моҷаро.

Ором то андак кунад,
Камтар нишони шак кунад,

Бисёртар борид нур,
К-аз тафти он ҷои сурур,

Баҳри Замину баҳри Об,
Шуд ҳадя дунёи азоб.

Сӯи Замин Оби давон
Гуфто: – Ба ман номеҳрубон

Будӣ, аз ин ҷо меравам,
Дур аз нигоҳат мешавам.

Афшонд дасти худ Замин:
– Рав-рав, – бигуфто, оташин, –

Бо ту маро будӣ ғаме,
Бе ту биёсоям каме…

З-он баъд аз Оби равон
На ном монду на нишон.

Ғоиб даме чун Об шуд,
Танҳо Замин нотоб шуд.

Бе хоҳараш дилгир шуд,
Ғам парвариду пир шуд.

Дар чашму дар рӯю ҷабин,
Тарҳе ҳазорон монд чин.

Хандид боди сарсарӣ,
Бурд аз Замин тухми тарӣ.

На сабзае дар боғ монд,
На сабзие дар роғ монд.

Хок омаду реги равон,
Ҳусни Замин рафт аз миён.

Хун мефишонид Офтоб,
Аз осмони тиратоб,

Таб дошт дар дил, тоб дошт,
Сӯз аз Замину Об дошт.

Аз он ки беҷон шуд Замин,
Як лаб биёбон шуд Замин…

… Вақти зиёде даргузашт,
Садҳо сада аз сар гузашт.

Асри фаровони дигар
Мекард боз ин сон гузар,

Одам намеомад агар
Аз баҳри ёрӣ як саҳар.

Чун гурд буд, чолок буд,
Пурзӯр буд, бебок буд.

Бар шӯразор овард рӯ,
Ашки Заминро дид ӯ,

Аз сарнавишти хоҳарон
Огоҳ буд он паҳлавон.

Гуфто, ки коре мекунам,
Аз сидқ ёрӣ мекунам,

То адл ҷустуҷӯ кунанд,
То оштӣ ҳар ду кунанд.

Ҷанги ду тан корест нанг,
Ман нуқта мемонам ба ҷанг.

Одам ба азме раҳсипор
Гардид сӯи шӯразор,

Аммо раҳашро бод баст,
Бедод роҳи дод баст.

Зӯре заду аз по фитонд,
То китф зери рег монд.

Таслим лек Одам нашуд,
Як тори мӯяш кам нашуд,

Зад наъраву аз ҷой хест,
Шерафкане бар пой хест,

Хам кард сар сӯи Замин,
Гуфт: – Эй ба ҷону дил қарин,

Зери гарон бори ғубор,
Беҳуда Омӯро мадор.

Бигзор бо шӯру мағал
Роҳе бипӯяд то Арал.

Гуфто Замин: – На, ҳеҷ гоҳ,
Ӯро намебахшам гуноҳ!

Одам биёмад пеши Об,
Гуфто: – Зи ҳарфам рӯ матоб,

Шав оштӣ бо хоҳарат,
Кам мешавад дарди сарат.

Гуфт Об: – На, на, ҳеҷ гоҳ
Ӯро намебахшам гуноҳ…

Ҳарфе дигар Одам ба лаб
Н-овард, то н-ояд ғазаб,

Бигрифт аз дасти каланд,
Ҷӯе ба шасти даст канд.

Дар ҷӯй овард обро,
Бурд аз биёбон хобро.

Нӯшид чун обаш Замин,
Гардид аз нав нозанин,

Шуд меҳрвар аз нав ба Об,
Ошиқ бишуд бар Офтоб.

Ширин ҳама чун қанд шуд,
Омӯ раҳо аз банд шуд…

… Аз он даме Обу Замин,
Ҳам Офтоби аршшин,

Гаштанд бо Одам қарин
В-аз дӯстони беҳтарин.

Ёбон дубора ҷон гирифт,
Зебе ҳама ёбон гирифт,

Ҳам боғ шуд ҳам ток шуд,
Зар дар биёбон хок шуд.

Аз пахта боло кӯҳ шуд,
Чун кӯҳи воло рӯҳ  шуд,

Қад мекашад аз рӯи кӯҳ,
Одам ба фарру бо шукӯҳ,

Пар мекушояд чун уқоб,
Ҳамсаф бувад бо Офтоб.

## ДУ ПАНДЕ, КИ МЕРОСИ ПАДАР ШУД

### I

Буд набуд як пирамард
Дар як деҳ як замон буд.
Аз кулфати сахти дард
Хоб зери айвон буд.

Ғун писарҳояшро кард,
То гӯяд гапи дилро.
Гуфт: – Дигар аз ин дард
Ман намехезам аз ҷо.

Бими мурдан маро нест,
Шохе аз бурси пирам,
Дорам гапеву бимест
Ногуфта онро мирам.

Ҷое ҷои ҷони ман,
Идомаи ман ҳакстед,
Як тан наеду шаш  тан,
Шаш тан шерафкан ҳастед.

Бишкастан осон кор аст,
Химча агар танҳояст.
Кори басо душвор аст,
Шаш химча гар якҷояст.

Шаш шохаи як такҷаст,
Як реша бо ҳам баста,
Хоҳам, ки бо ҳам пайваст
Бинад рӯҳам пайваста.

Оби сарде шуд дона,
Вазнин чун нафас гирифт,
Нӯки панди пирона
Пири хирад пас гирифт.

– Ҳаст дар кӯзае зар,
Зери ниҳоле дар боғ,
Меросам буд аз падар,
Кунед, албатта, суроғ.

Бо ин ду гап чашми худ
Оҳиста баст аз олам.
Кони ғуссаву ғам шуд,
Сад ҷони холӣ аз ғам.

## II

Дур аз шаҳру дур аз баҳр,
Дур аз ёбони тафсон,
Чун холе дар рӯи даҳр,
Деҳе буд дар кӯҳистон.

Бурсу буттаи анбӯҳ
Зову пуштаи хомӯш,
Дар синаи танги кӯҳ
Бигрифта буд дар оғӯш.

Он ҷо аз ҳама боло,
Хонае буд зери ҷар,
Обе шӯху мусаффо
Ҷорӣ буд аз пеши дар.

Пушти дар, болои об
Хонае нурафкан буд,
Пир он ҷо буд чун Дороб,
Хона не нишеман буд.

Рӯи оби зарафшон
Боғи сабзи хубе дошт,
Деҳқон, ки буд, ҳар хазон
Зар аз боғаш мебардошт.

Нони ҷав кам агар дошт,
Пир онро кам намегуфт,
Ғуссаву ғам агар дошт,
Ғуссаву ғам намегуфт.

Аз қисса в-аз тарона
Ободон бому дар буд,
Дороии ин хона
Шаш меҳрубон писар буд.

**III**

Рӯи дастон бибурданд
То гӯристон падарро,
Бо дасти худ супурданд
Бар хок он тоҷи сарро.

Пас миёнро бубастанд,
Шаш марди давраоро,
Атрофи хон нишастанд,
Шаш тан бо як муддао.

То кам сар занад хато,
То бисёр ояд савоб,
Шаш додар як раҳнамо
Бояд кунад интихоб.

Як сухан дар миён шуд,
Аз забони шаш нафар,
Он ки дар синн калон буд,
Ҳам сар шуду ҳам  сарвар.

**IV**

Боғ боғи калон нест,
Боғе бинӣ миёна,
Аз роҳи дур аён нест,
То рӯи ҷар аз хона.

Ҳосил оварад сара,
Гарчи боғи калон нест,
Андар тамоми дара,
Боғе беҳтар аз он нест.

**V**

Шаш додар боғ омаданд,
Шаш додари меҳрубон,
Кӯза суроғ омаданд,
Шаш додари ҳамзабон.

Кӯза дар куҷо бошад,
Зери кадомин дарахт?
Аз куҷо бубояд зад
Бел бар ин хоки сахт?

Он, ки буд акнун калон,
Рӯ бар додарон овард:
– Аз як сӯ, ҷон додарон,
Чун сурмааш бояд кард.

Шаш додари неруманд,
Шаш дасти печон ба кор,
Хуб побелаш карданд,
Дар оғози навбаҳор.

Хоки бехи ҳар дарахт,
Монанди хокистар шуд,
Хоки хобидаю сахт,
Бедор  андар назар шуд.

Тоза шуд боғ аз алаф,
Тоза шуд аз хору хас,
Тобон шуд мисли садаф,
Ҳуснаш мебарад ҳавас.

Пайдо аз кӯзаю зар,
Аммо нишоне нашуд,
Шаш нури чашми падар,
Розӣ буд аз кори худ.



### VI

Дур аз баҳсанду нифоқ,
Шаш ҷигарбанди падар.
Иттифоқанду тифоқ
Шаш шуълаи як саҳар.

Вақти мувофиқ ёбанд,
Бар боғ рӯ оваранд.
То андак ғизо диҳанд,
То об аз ҷӯ оваранд.

Лек мудом як хаёл,
Дорад шаш додари ҷон,
Сарҳо пур-пури суол,
Дилҳо пур-пури гумон.

Аз боғу кӯзаю  зар,
Лаб моро чаро кушод?
Ё вақти видоъ падар,
Рев писарҳоро дод?

Ё ҷояш дигар ҷо буд,
Аз нохушӣ хато кард?
Ё имтиҳони мо буд,
Ё санҷише моро кард?

Сад андеша буд дар сар
Ҳар яке чун мехобид…
Кӯзаи пур-пури зар
Хоби хуше метобид.

**VII**

Хушк омад моҳи найсон,
Чашми сарде гармо дӯхт,
Сабза андар кӯҳистон,
Ҷо-ҷо дар ҳар куҷо сӯхт.

Лек аз офат амон ёфт,
Боғӣ сабзи шш додар,
Бурзу фаре чандон ёфт,
Аз ҳусни меваи тар.

Пур аз мева майдон шуд,
Пур аз мева шуд хона,
Қурби мева арзон шуд,
Арзон шуд мағзу дона.

Пур шуд бому пур шуд дар,
Пур шуд кӯчаю бозор.
Таъин шуд мисли саҳар
Бар додарон ин асрор:

На кӯза ҳасту на зар
Дар ин боғу дар ин хок,
Аз заҳмати ҷонпарвар
Зар хезад аз хоки пок.

**VIII**

Дур аз шаҳру дур аз баҳр,
Дур аз ёбони тафсон,
Дар як кунҷи дури даҳр
Дар як деҳи кӯҳистон.

Он ҷо, ки он шаш додар,
Хушнуду комгоранд,
Бо меҳнат аз хоки тар
Симу зар мебардоранд.

Он ҷо, ки то ба ҳоло
Дар зери ҷаре боз аст,
Оби шӯху мусаффо
Он ҷо нағмапардоз аст,

Базме шуд аҷаб ширин,
Гул то вақти саҳар кард,
Аз он шаш тан шашумин
Дина хонаву дар кард.

Меҳмондорони хона
Панҷ тан бародар буданд,
Саф баста омирона,
Дастон пеши бар буданд.

Базме буд фарҳатфизо,
Ман ҳам дар он ҷо будам,
Ман ҳам кардам тамошо,
Хушдил саропо шудам.

## ҚИССАИ МУЛОҚОТИ КӮТОҲҚОМАТИ ХОКСОР ВА ҚАДДАРОЗИ ЛОФӢ

Кӯтоҳқомат яке мард
Девори сангӣ мекард.

Сангаш санги хоро буд,
Санги рӯи дарё буд.

Кораш кори сангин буд,
Кори хеле вазнин буд.

Аввал санги худро мард
Бо путк майда мекард,

Баъд аз оне зам мешуд,
Ҳамбасти ғарам мешуд,

Бо устодӣ мечид,
Мечиду боз медид,

Оё дуруст чидаст?
Ҳамвор оё хобидаст?

Гар чидааш зебе дошт,
Санги дигар мегузошт…

Мӯяш аз арақ тар буд,
Рӯяш аз арақ тар буд.

Аз арақ курта тар буд,
Чун марди коргар  буд.

Рӯ дигар сӯ наметофт,
Девораш ҳусн меёфт…

Боре вақти зарби кор
Кораш бишуд халалдор.

Овозе омад ба гӯш,
Омаду бурд аз ӯ ҳуш.

Дид ӯ марде қаддароз
Сӯяш медиҳад овоз.

Марде мисли сафедор
Лоғартани салладор,

Нигаҳ ба рӯяш дорад,
Ханда ба сӯяш дорад.

Мегӯяд: «Бо худ чаро
Ҷабре кунитву ҷафо?

Бо коре ту дубора
Сарсонию овора.



Кор ончунон бояд кард,
К-он бошад шоёни мард.

Мард бояд кунад сахт,
Девор аз санги яклахт.

Рӯи ҳам бардору мон,
Мушкилат шавад осон.

Он сон, ки ман тавонам,
Бубин, чӣ сон мемонам!»

Марди лоғари дароз
Пеш омад андаке боз.

Он ҷо, ки санги хоро
Хуфта буд рӯи дарё.

Пеш омаду зад ба санг
Сахт бо чобукӣ чанг,

Аз ҷояш то бардорад,
Рӯи поя гузорад.

Лек наҷунбид аз ҷо,
Санги сафеди хоро.

Хост каме ҷунбонад,
Баъд аз ҷояш ғелонад.

Боз наҷунбид аз ҷо,
Санги чипори хоро.

Ду китфаш муттако кард,
Тирак ду пойро кард.

Боз наҷунбид аз ҷо,
Санги дурушти хоро.

Ду рӯ ранги лола шуд,
Обу арақ жола шуд.

Дил омад дар сина танг,
Шишт хами хорасанг.

Дидаш чун Кӯтаҳқомат
Бо ханда бар гап омад.

Гуфт сӯи Қаддароз:
«Бар гап диҳӣ фақат ғоз,

Ақл ҳар сӯ бубояд
Роҳ ба кас намояд,

Суд аз амал набошад,
Нур ақл агар напошад…»

Оби дарё лаб мезад,
Бо соҳилҳо гап мезад.

Кӯтаҳқомат ҷаҳде дошт,
Санг ба ҳам мегузошт.

Хам буд сари Қаддароз…
Чӣ ҳам мегӯяд ӯ боз?!

## ҚИССАИ ХАРГӮШИ ХУДСИТО

Шаб омад, шаби сармо,
Баъди як рӯзи гармо.

Аз пояш хунук омад,
Бо барфи тунук омад.

Ҷо ҳама ҳар куҷо шуд:
Чуғз дар чокӣ ҷо шуд.

Акка дар лона ҷо шуд,
Гурба дар хона ҷо шуд.

Он ҷо, ки хору хас буд,
Харгӯшак ҷо он ҷо шуд.

Барф ғарам-ғарам шуд,
Барф рӯи ҳам зам шуд…

Моҳи танҳо аз хона,
Берун омад шабона.

Бубинад дар ин диёр
Кӣ хоб асту кӣ бедор.

Аз болои ҷар гузашт,
Аз рӯи камар гузашт.

Аз рӯи дарё гузашт,
Аз рӯи саҳро гузашт.

Дид маҳ ҳама ҷоро,
Он чи буд ошкоро.

Он чи ниҳон буд, надид,
Харгӯшакро зуд надид.

Зеро ӯро хоби хуш
Бигрифта буд дар оғӯш:

«Харгӯшак деҳқон будаст,
Пур саҳни майдон будаст.

Сабзӣ се ғарам будаст,
Он қадар карам будаст.

Харгӯшак беғам будаст,
Харгӯшак хуррам будаст.

Хӯрад то навбаҳорон,
Бо хешону таборон…»

* * *

Хест Харгӯшак аз хоб
Дар ёдаш буд хоби боб:

Сабзияш ғарам-ғарам,
Буд ғарам-ғарам карам.

Бар хоби худ бовар кард,
Харгӯшонро хабар кард.

Шодон дарҳоро бикӯфт,
Бо харгӯшакон бигуфт:

– Хешон, саф кашед ин ҷо,
Ман аз барои шумо,

Хӯрҷин-хӯрҷин аз ғарам,
Сабзӣ ораму карам.

* * *

Харгӯшак бо дили шод,
Рӯ сӯи саҳро ниҳод.

Савте дар зери лаб дошт,
Завқе дар нимашаб дошт.

Гуфт аввал аз карам,
Баъд аз сабзӣ мебарам.

Пой сӯи ғарам монд,
Даст рӯи карам монд,

К-аз гӯша чун доди бод,
Гург сӯяш садо дод.

Пас гашту зери санҷид
Гурги кaҷпоро бидид.

Чун алав чашмонаш буд,
Чун арра дандонаш буд.

На хӯрҷин гуфту ғарам,
На сабзӣ гуфту карам.

Баргашту монанди тир
Омад бар пои адир.

Ҷо дар домани раҳ шуд,
Зери хоре панаҳ шуд.

* * *

Харгӯшон интизоранд,
Бесабру беқароранд.

Поро бар по месоянд,
Роҳ ҳама мепоянд.

Кайҳо шаб рафта аз шаб,
Н-ояд дар чашме ғанаб,

Аз Харгӯшак дарак нест,
Пай ҳасту Харгӯшак нест.

* * *

– Вазнин омад шояд бор,
Шояд кӯмаке даркор? –

Гуфт аз гӯшае Харгӯш,
Дод сипас ба раҳ гӯш.

– Харгӯшак моро фан дод! -
Лаб бар гап дигар кушод, -

Одобашро бояд дод,
То умре орад дар ёд.

Корест аз ҳама нозеб,
Фанду ҳилаю фиреб!..

Дар манзили харгӯшон,
Ғавғое шуд хурӯшон..

Харгӯшак аз зери хор,
Аз ин ғавғо шуд бедор.

Пеши харгӯшон омад,
Андак парешон омад.

Гуфт: – Ғавғо чӣ даркор,
Аз баҳри беҳуда кор.

Фикри сабзию карам,
Бор бувад дар сарам.

Нуқтае гар ҳал шавад
Коре бемағал шавад:

Гурги балоро чӣ сон
Бидҳам фиреб осон,

То пешатон аз ғарам
Сабзӣ ораму карам?

Имшаб ӯ нигаҳбон аст,
Бар ғарам посбон аст.

Аз номи гурги ало,
Чун аз офату бало,

Тарсон харгӯшон шуданд,
Ҳар сӯ парешон шуданд.

Харгӯшаки худсито
По зад аз ҳама қафо.

Дар зери буттаи нарм,
Ҷо шуд бар ҷогаҳи гарм.

* * *

Маҳ, ки сайри фазо дошт,
Бо шавқе тамошо дошт.

Ҳоли харгӯшонро дид,
Диду зери лаб хандид.

Хандон-хандон ба хона
Оҳиста шуд равона.

## ҚИССАИ БУЛҲАВАСӢ

Бар Асп кӯҳони Шутур
Бисёр ҳам омад писанд,
Кӯҳон чу бинмудаш зи дур,
Ҳушу хаёлаш гашт банд.

«Кӯҳон агар медоштам,
Монанди ман зебо набуд,
Дар дил набудам ҳеҷ ғам», –
Гуфт Асп бо дарде ба худ.

– Кӯҳони худро, эй Шутур,
Бифрӯш бар ман, – гуфт Асп, –
Наълат диҳам, як наъли зӯр,
Наъле аз оҳан, – гуфт Асп.

– Даркор не наълат ба ман,–
Гуфто Шутур, – чун нест сум, –
Дум деҳ, дилат хоҳад, ба ман,
Кӯтаҳ маро бисёр дум.

Маъқул шуд савдояшон,
Кӯҳону дум карданд иваз,
Гаштанд хеле шодмон
Ду кӯтаҳақли хомпаз.

По Асп бар раҳ мениҳад,
Кӯҳон чу кӯҳ бар пушт бор.
Дар ҳар қадам ғам медиҳад,
Бармехӯрад бо шохсор.



Чун кӯзапушти калтадум
Сагҳо талошаш мекунанд.
Дум мегазанду пою сум
Нав-нав харошаш мекунанд.

На боғурур омад ба дашт,
На сабза аз саҳро гирифт,
Тоқат накарду бозгашт,
Дар кунҷи оғил ҷо гирифт.

Дум кард чун Уштур кашол,
Раҳ гаштанаш душвор шуд,
Санге чу як бори малол
Дар дум ба сахтӣ бор шуд.

Гар пеш по монад Шутур,
Дум мекашад сӯи қафо.
Осудагӣ рафту ҳузур,
Душвор шуд сайру чаро.

Сагҳои деҳ дунболагир,
Дум басту шуд бегонае,
Аз хораке ногашта сер,
Ҷо шуд дар оғилхонае…

Аспу Шутур бо як шигифт
Бо ҳам сиголиданд роз.
Кӯҳон Шутур аз сар гирифт,
Соҳиб ба дум шуд Асп боз.

Гарчи дар ин дорумадор
Кӯтоҳтар шуд боз дум,
Кӯҳони зебо захмдор
Гардиду зебаш кард гум.

Масрур Асп асту Шутур
Бишкаст дар дилҳо ҳавас…
… Дар зиндагӣ, ҷонам, сурур
Касро наёрад моли кас.

# ҚИССАИ ЧАШМАҲОЕ, КИ ДАРЁ ШУДАНД

Чашма мисли ашки санг,
Меомад аз роҳи танг.

Як чакраи чакон буд,
Як чакраи аён буд.

Чак-чак чакад, бар гулӯ
Хок медодаш фурӯ.

Дарёро намедонист,
Паҳноро намедонист.

Ҳар сӯе оварад рӯй,
Кӯҳ буду ҷару ҷӯй.

Он сӯи ҷар чӣ бошад?
Пушти камар чӣ бошад?

Ин ҷо чаро дарё нест?
Чашмаяк намедонист.

Мехост ин, ки бидонад,
Ҳаргиз нодон намонад.

Роҳе он сӯ кушояд,
Аз тангиҳо барояд.

Бечора чора мекофт,
Лекин чора намеёфт.

* * *

Боре шамолак омад,
Ошуфтаҳолак омад.

Бар обаки чоракоб
Омад як фурсати боб.

Пешопеши бод омад,
Печида дилшод омад,

Поён оҳиста омад,
Поён дониста омад.

* * *

Раҳ бирафту раҳ бирафт,
Раҳ то резишгаҳ бирафт.

Шаби дароз раҳ бирафт,
Раҳ то саҳаргаҳ бирафт.

Вақте рӯзи калон шуд,
Роҳу бераҳ аён шуд,

Гӯшае ободе дид,
Дунёи кушоде дид.

Дид обаке мисли ӯ
Аз ин сӯю аз он сӯ,

Чак-чак чакон меояд,
Ашке равон меояд.

Хурд-хурду танҳоянд,
Танҳо-танҳо меоянд.

Рези кӯҳу реги ҷӯ
Осон мебарад фурӯ.

Танҳо будан азоб аст,
Ҳоли танҳо хароб аст.

Танҳо-танҳо то манзил,
Роҳ кашидан мушкил.

Бояд бишуд муттаҳид,
Аз танҳоӣ сар кашид.

Чашмаяк омад ба сар
Назди чашмаи дигар.

Гуфт: – Биё, раҳ равем,
Роҳи худ ҳамраҳ равем.

Дарёро ҳар ду бинем,
Дунёро ҳар ду бинем.

Розӣ шуд обаки сард,
Маъқул гапи ӯро кард,

Якҷо шуданду рафтанд,
Ҳампо шуданду рафтанд.

Коре, ки писанд омад,
Ширин мисли қанд омад.

Аз ин сӯю аз он сӯ,
Аз зери ҷар, бари ҷӯ,

Чакраҳо чун чакиданд,
Чакраҳо чун давиданд,

Якбора хеле шуданд,
Як оби зебо шуданд.

Як оби ғелон шуданд,
Як оби резон шуданд,

Аз баландӣ хамиданд,
Аз пастиҳо дамиданд,

То паҳноро бубинанд,
То дунёро бубинанд.

* * *

Чашмаҳои хушчило,
Чашмаҳои раҳгиро,

Бе чангу бе чағона,
Лабҳо пур аз тарона,

Аз зовия гузаштанд,
Аз роҳи худ нагаштанд,

Аз тангно гузаштанд,
Аз роҳи худ нагаштанд.

Ҳар обе дар раҳ омад,
Ғелиду ҳамраҳ омад,

Боз давонтар шуданд,
Боз дамонтар шуданд.

Чунки тавоно буданд,
Бо ҳам муттако буданд,

Сарҳо дигар хам набуд,
Шодӣ буду ғам набуд.

* * *

Ҷӯю ҷар дар қафо монд,
Дар пушти теғаҳо монд,

Водӣ оғӯшаш кушод,
Ҷо дар оғӯши худ дод.

Аз ин водии обод,
Аз ин водии озод,

Як дарёи хурӯшон,
Ҷорӣ буд рӯзу шабон.

Водӣ аз оби дарё
Гул карда буд саропо.

* * *

Чашмаҳои софи соф,
Шишарезаи шаффоф,

Вақте дарёро диданд,
Мисли кӯдак болиданд,

Сарро ба маҷро зданд,
Худро ба дарё заданд.

Дарё зери бар гирифт,
Чун ҷону ҷигар гирифт.

Сила кард, офарин хонд,
Дар боли мавҷаш нишонд,

То барад мавҷи сурур,
Дури дури дури дур,

То бар мақсад расонад,
Танҳо дигар намонад.

* * *

Чашмаҳо дарё шуданд,
Чашмаҳо дунё шуданд,
Баъд аз он куҷо шуданд?
Дар шеъри мо ҷо шуданд.

## ҚИССАИ ЁРИ НОМУВОФИҚ

Зоғу Кабутар як замон
Буданд бо ҳам дӯстон.
Зери нигоҳи Шоҳбоз,
Дар боргоҳи Шоҳбоз,

Чун зодагони як падар
Метофтанд андар назар.
Бе ҳамдигар об аз гулӯ
Ҳаргиз намерафтӣ фурӯ.
Ҳамсояю ҳампо буданд,
Як умр дар як ҷо буданд.
Ҳеҷ аз ҷудоӣ гап набуд,
Аз бевафоӣ гап набуд.
Ҳарчанд гоҳе Кӯрмуш,
Медод овозе ба гӯш:
«Зоғ аст хеле ҳиллагар,
Бош, эй Кабутар, бохабар,
Як рӯз зоғӣ  мекунад,
Кори бадоғе мекунад!»
Бовар ба ҳам чун доштанд,
Рашкаш ҳамепиндоштанд.

* * *

Дар он замони дури дур,
Зоғ андаке будӣ ба нур:
На буд сиёҳ, на буд ало,
Қар-қар намедодӣ садо.
Чун пахта буд, чун барф буд,
Хушсурату хушҳарф буд.
Ранги Кабутар ҳам дигар
Дар он замон буд як қадар.
Заррин барояш бол дошт,
Дар сина мушкин хол дошт.
Заррин думу минқор дошт,
Як зеби нотакрор дошт.

* * *

Дарвозабон буд Зоғи зол,
Коре дур аз ранҷу малол.
Меҳмон расад дар мекушод,
Мизбон расад, дар мекушод.
Мисли сутун шому саҳар,
Истех буд дар турми дар.
Лекин Кабутар дошт раҳ
То андаруни боргаҳ,
Як ходими бообрӯ,
Дар хизмати бону буд ӯ.

* * *

Тухми ҳасад мекошт Зоғ,
Рашки фаровон дошт Зоғ.
Аз он, ки то бонуи шоҳ
Ӯ не, Кабутар ёфт роҳ,
Ӯ не, Кабутар роздон
Дар боргоҳи олишон.
Дар мегирифт аз дард Зоғ,
Навъе панаҳ мекард Зоғ.

* * *

Дарде, ки буд дар дил ниҳон,
Шуд оқибат рӯзе аён.
В-аз дӯстии дӯстон
На ном монду не нишон.

* * *

Он рӯз гул мебаст хор,
Хушдил зи гул буд шохсор,

Гул рӯи раҳ барчош буд,
Раҳ аз гул анбарпош буд.
Он рӯз карданд аҳли арк
Аз субҳ кори хеш тарк.
Он рӯз буд аз шодрӯз,
Он рӯз буд аз зодрӯз,
Сисола шуд бонуи Шоҳ,
Суре буд андар боргоҳ.

* * *

Пӯшид пӯшоки сара
Бонуи гулрӯ яксара.
Дархост бо ангуштарин,
Ангуштарини беҳтарин,
К-он ҳадя буд аз подшоҳ,
Дар рӯзи фирӯзи ниқоҳ,
Ангуштро оро диҳад,
Пас сӯи берун по ниҳад.
Он ҷо, ки ояд хосу ом
Аз баҳри табрику салом.
Ҳарчанд ки бисёр кофт,
Ангуштари худро наёфт.

* * *

Ҳайрон ҳама, гардон ҳама,
Тозон ҳама, пурсон ҳама,
Саргаштаву сарсон ҳама,
Ангуштарӣ ҷӯён ҳама.
Пайдо наяст ангуштарин,
Гӯё фурӯ бурдаш замин.

* * *

Шаҳбоз гардид оташин,
Фармуд фармоне чунин:
«Аз он ки бурд ангуштарин –
Ангуштарини беҳтарин,
Гар зоти пар, пар канда бод,
Зоти дигар, сар канда бод!».

* * *

Дарбор дар ташвиш шуд,
Пиру ҷавон тафтиш шуд.
Ҳар он, ки кард арзи сухан,
Номи Кабутар бар даҳан
Бигрифту гуфт: – Ӯ бохабар,
Санҷед ӯро хубтар.
Аммо Кабутар як сухан,
Мегуфт танҳо: «Ҷони ман,
Савганд бар номи падар,
З-ангуштаринам бехабар».
Бар гуфтаи минқорзард
Пурсишгаре бовар накард.

* * *

Дарвозабони қасри шоҳ,
Зоғ омад он ҷо чун гувоҳ.
Аз хайли ёрони вай аст
В-аз дӯстдорони вай аст.
Ҳарфи варо бояд шунид,
Шояд расад аз вай навид.
Аксар гумон мекард, Зоғ
Мечинад аз ҳамсоя доғ,

Ёрӣ риоят мекунад,
Бо ҷон ҳимоят мекунад,
Аммо хиёнат кард Зоғ,
Кори бади бад кард Зоғ.
Аз ёд ёди дӯст бурд,
Дар лавҳи ёдаш дӯст мурд.
Пиндошт: «Поён шуд ҳаёт
Ӯро, намеёбад наҷот.
Вақт аст, то боло равад,
Ходим ба шаҳбону шавад».
Фурсат ғанимат дид Зоғ,
Толеи худ санҷид Зоғ.
Зидди Кабутар бефурӯғ
Гуфто суханҳои дурӯғ:
– Дар поси худ дар турми дар
Истода будам аз саҳар.
Ҳангоми теғи офтоб,
Омад Кабутар бо шитоб,
Чизе буд андар зери бол,
Табъаш нагирад то малол,
Пурсон нагаштам чист он,
Шояд буд ангуштар ҳамон.
Вақте ки аз дар дур шуд,
Болаш чу як каф нур шуд.
Саҳви нигаҳ пиндоштам,
Варна варо медоштам.
Раг зад дили зор он замон,
Комил шуд акнунам гумон.
Аз баҳри исботи гуноҳ
Лозим нашуд дигар гувоҳ.

* * *

Қозии пири боргоҳ –
Калходи шуми пургуноҳ,
Айнак ба рӯи чашм монд,
Ҳукми қазои хеш хонд:
«Баҳри Кабутар як ҷазо
Бо амри шаҳ омад раво.
Ангуштарӣ дуздидааст,
Раҳ дода бар рафтори паст,
Дар саҳни майдони кушод,
Пар аз тани ӯ канда бод!»
Чашми Кабутар хира шуд,
Дунёи равшан тира шуд.

* * *

Бечораро канданд пар,
Аз нӯги по то фарқи сар.
Беайб айбӣ хонда шуд,
Аз қасри олӣ ронда шуд.

* * *

Бар накди аҳде, ки варо
Бӯе набудӣ аз вафо,
Бар накди парҳои зи пӯст
Баркандае аз ҷисми дӯст,
Бар хизмати бонуи шоҳ
Раҳ ёфт Зоғи дилсиёҳ.
Бахте, ки умре кофт Зоғ
Дар музди туҳмат ёфт Зоғ.

* * *

Моҳе бирафт аз он миён,
Моҳи наве зам шуд ба он.
Афсонаи ангуштарӣ,
Чун қиссаи деву парӣ,
Шуд куҳнаву аз ёд рафт,
Гарде буду бар бод рафт.
Дар боргоҳи пурхурӯш
Аз нав ҳаёт омад ба ҷӯш.

* * *

Рӯзе ба ғайри чашмдошт,
Бар боргаҳ айёми чошт,
Дар каф асо, дар по калӯш,
Хомӯш омад Кӯрмуш.
Аввал ба шаҳ таъзим дод,
Ангуштариро пас ниҳод
Рӯи кафи бонуи шоҳ.
Пурсид узре бар гуноҳ:
– Мушак, – бигуфто Кӯрмуш, –
Он тифлаки беақлу ҳуш,
Бозичааш бишмурдааст,
Бозӣ ба бозӣ бурдааст.
Шояд суроғе кардаед,
Ҳам бедимоғӣ кардаед.
Кӯдак надонад чист зар,
Зар дарди дил,
Зар дарди сар.
Бори дигар, олампаноҳ,
Мепурсам узре бар гуноҳ.

Он сон, ки омад Кӯрмуш,
По бозпас зад Кӯрмуш.

* * *

Шоҳи замонро ғам гирифт,
Аз ғам сари худ хам гирифт.
Ошуфта гашту дар ғазаб,
Дар зери дандон монд лаб.
Дуру дароз андеша кард,
Ҷону танаш омад ба дард.
«Пас ҷустуҷӯи сарсарӣ
Буд қиссаи ангнуштарӣ?
Пас он Кабутар бегуноҳ
Бо амри ӯ шуд рӯсиёҳ?
Ин сон зи ёрони вафо
Ҳар гоҳ мегардад ҷудо?
Пас рев додастанду фанд
Калходу Зоғаш ҷои панд?
Пас адл нест, инсоф нест,
Об аз сари худ соф нест?
Бо ин ду-се айёру шум
Раҳро кунад як рӯз гум.
Роҳи хато бояд бубаст,
Дасти ситам бояд шикаст.
Бар он, ки некӯрой нест,
Дар давлати ӯ ҷой нест!»
Бар тахт то шинад дуруст,
Бархест аз ҷо шоҳ чуст.

* * *

Калходро аз боргоҳ,
Чун нобакоре ронд шоҳ.
Аз кӯҳи домони саҳоб
Қозӣ шуду омад Уқоб.
Дар ҳаққи Зоғи бевафо
Амре раво шуд бар ҷазо.
Он сон ҷазое, ки ба сад
Наслу наҷоташ мерасад.
Амре, ки чун амри дил аст,
Тағйир додан мушкил аст.
Дар пеши чашмони Уқоб,
Дар зери нури офтоб,
Шуд Зоғ лоиқи ҷазо:
Ниме сияҳ, ниме ало,
Карданд аз рӯи гуноҳ
Бо амри бетаъхири шоҳ.
Дигар саропо Зоғ шуд,
Ҷояш канори боғ шуд.
Бигрифт низ овози ӯ,
Шуд ҳарфи ӯ:
– Қар-қар қуру!
– Қар-қар қуру!

* * *

Аз он замон, то ин замон,
Ҳар рӯз дар оби равон
Худро бишӯяд боумед,
Аммо намегардад сафед.
Вазнин адои дӯстист,
Сангин ҷазои дӯстист.

## ДАР РӮЗАКИ ТОБИСТОН

**I**

– Мӯрча, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,

Аз саҳар зери борӣ,
Чиро хона меорӣ?

– Аз пая як-ду дона
Дона барам ба хона,

Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**II**

– Оруяк, эй оруяк,
Оруи хубрӯяк,

Сафар аз саҳар дорӣ,
Куҷо ту сафар дорӣ?

– Равам ба сӯи саҳро,
Оварам шаҳди гулро,

Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**III**

– Санҷобак, эй санҷобак,
Санҷобаки камхобак,

Ин қадар мешитобӣ,
Ин қадар чӣ мекобӣ?

– Мағз барам ба хона
Аз шоха як-ду дона.

Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**IV**

– Калламуш, эй калламуш,
Калламушаки баҳуш,

Чаро замин мекобӣ,
Чӣ аз замин меёбӣ?

– Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.

Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

**V**

– Харгӯшак, эй харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак,

Ту ҳам машғули корӣ,
Дар дастакат чӣ дорӣ?

– Сабзӣ дораму карам,
Ба хонаам мебарам.

Дар рӯзаки тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

## VI

– Булбулак, эй булбулак,
Ошиқи рӯи гулак,

Чаро ту беқарорӣ,
Даме роҳат надорӣ?

– Аз барои мӯрча,
Майдаяки зӯрча,

Аз барои оруяк,
Оруи хубрӯяк,

Аз барои санҷобак,
Санҷобаки бехобак,

Аз барои калламуш,
Калламушаки баҳуш,

Аз барои харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак,

Таронаҳо мехонам,
Маҳду сано мехонам.

Ки мехӯранд тобистон
Ғами рӯзи зимистон.

# ДУ ХУРӮСИ КУЛАНГӢ

## 1

Ду хурӯси кулангӣ,
Рӯзе шуданд ҷангӣ.

Аввал ман-манӣ карданд,
Баъд парканӣ карданд.

Ҷӯраҳои ҷон буданд,
Ёри меҳрубон буданд.

Якбора ногап шуданд,
Ба якдигар чап шуданд.



**2**

Яке гуфто: – Ман бобо,
Надав пеш, аз пасам о!

Дигар гуфто: – Э нодон,
Ман кайҳо бобокалон.

Ту аз қафои ман о!
Баҳсе шуду моҷаро.

Ду ҷӯраи ҷон, ду сӯ
Рафтанд қад-қади ҷӯ.

**3**

Ҳарду ҳамсоя буданд,
Ҳарду ҳампоя буданд.

Ба мурғакони парпо,
Ба чӯҷаҳои зебо,

Ҳарду пуштибон буданд,
Раҳбари мурғон буданд.

Шағолак ҳам тарсон буд,
Аз деҳа гурезон буд.

**4**

Боғи сабзи лаби ҷӯ
Танг омада ба ҳарду.

Байни гулу байни хор,
Дар ду бари як девор,

Ҳарду қут-қут мекунанд,
Ҳарду ғут-ғут мекунанд.

Ҷудо-ҷудо мегарданд,
Тани танҳо мегарданд.

**5**

Аз ҷанги ҷӯраҳо зуд
Шағолак бохабар шуд.

Лабаш лесиду дум зад,
Дилаш аз шодӣ гум зад.

Домани бегаҳ гирифт,
Сӯи деҳа раҳ гирифт.

**6**

Аз ду бари деворе
Аз байни гулу хоре,

Хомӯш сӯи хона
Ду ҷӯра буд равона,

Ки аз хами пахолак,
Ду чашмаки шағолак,

Ба ранги алобак тофт…
Шағолак пайт мекофт.

**7**

Шағолакро, ки диданд,
Ҳарду яке тарсиданд.

Аз тарс «қу-қу» гуфтанд,
«Ҷӯра, канӣ ту?»
– гуфтанд.

Пар зада аз бари хор
Рафтанд рӯи девор.

Бар дӯст вақти душвор
Ёрии дӯст даркор.

**8**

Шағолаки айёрк,
Шағолаки бадкорак,

Вақте ҷӯраҳоро дид,
Танҳо неву якҷо дид.

Ба ҳам чун муттако дид,
Ғамгин шуду ноумед.

Аз раҳи худ қафо гашт,
Боз ба ҷониби дашт.

Ду ҷӯраяки ҷангӣ,
Ду хурӯси кулангӣ,

Якранг бо дили шод
Аввал заданд фарёд.

Баъд ба хона рафтанд,
Ҳамраҳ шодона рафтанд.

Наҷот онҳоро бидод
Иттифоқу иттиҳод.

# МУНДАРИЧА


Дилакам мекушояд ........................................3
Ману маҳтоб..........................................................4
Тирукамон рӯи бом.................................................5
Деҳи мо саҳни кор аст ..........................................5
Хонаҳои деҳи мо.....................................................7
Боғи тори шах ........................................................8
Як пора Каҳкашон ...................................................8
Шуълае лағзон омад ............................................10
Бегоҳ .....................................................................11
Чилчашма .............................................................11
Шаршара................................................................13
Модари ҷони ман (суруд)....................................14
Мулки меҳрубон (суруд)......................................15
Модарам ...............................................................17
Модари ман дӯзанда ............................................18
Модарам аз кор омад ...........................................18
Нони гарм .............................................................20
Чӣ овардӣ, акоҷон? ...............................................21
Мошини «ЗИЛ» меронад.......................................22
Холаи Гавҳар.........................................................23
Мошон дар хона хоб аст.......................................24
Нони холам бамазза...............................................25
Баро, баро, Офтоб! ................................................25
Бар пушта чӯпон омад ..........................................26

Бӯи замин ........................................................ 26
Чанд гул дорад гулдаста?.................................. 27
Боварат намеояд?............................................... 28
Аз танҳоӣ зиқ шудаст....................................... 29
Некӣ наравад аз ёд ........................................... 29
Тобистон (суруд) ............................................... 30
Кӣ аз кӣ? ............................................................ 32
Саволи Маҳмуд ва ҷавоби дарахти тут ............... 32
Зардолуҷон, зардолу......................................... 33
Оби равон........................................................... 35
Миёнро маҳкам бастам ...................................... 36
Кӣ мегӯяд чанд дона?........................................ 37
Гандум................................................................. 37
Хирманкӯбӣ ........................................................ 39
Бузаки холдори ман ........................................... 40
Ангур................................................................... 41
Хӯшаи гандум..................................................... 42
Аспи бобоям яктост ........................................... 43
Алопар................................................................. 44
Ҷайра .................................................................. 45
Мӯрча ................................................................. 46
Тӯр танид анкабут .............................................. 47
Шабчароғ ........................................................... 47
Кабки дарӣ ......................................................... 48
Чигӣ-чигӣ, шӯк-шӯк.......................................... 50
Чӯҷаҳо ............................................................... 51

Ҷонакаш дар хатр монд ........................................ 52
Хурӯсак........................................................... 53
Мурғон чиҳо мегӯянд? ......................................... 55
Амакҷони космонавт ........................................... 56
Варзиш мекунад Аҳрор ........................................ 57
Аллаё, алла ....................................................... 58
Кӣ бошад?......................................................... 59
Як дона марворӣ ................................................. 60
Куҷо рафтӣ, Анварҷон?......................................... 60
Рафтам назди бобоям........................................... 61
Лаби ҷар, дар паси дар ........................................ 62
Бо кӣ баробар шавам?.......................................... 63
Ману ҷӯраҳои ман ............................................... 64
Як реза кӯҳ ....................................................... 64
Магар ман калон шудам? ...................................... 66
Суратгар........................................................... 67
Асои чӯпон ........................................................ 67
Пирамарди кӯчарӯб ............................................. 69
Гулдаста даста-даста ........................................... 71
Чӣ бояд кард?..................................................... 72
Қобил ё ноқобил?................................................. 73
Саломи Соқӣ ...................................................... 73
Чаро?............................................................... 74
Ваъда............................................................... 74
Кӣ хастатар мешавад? .......................................... 75
Зери айвон, паси миз ........................................... 76

Ҳаво парво надорад ................................................ 76
Бобобарфӣ ........................................................... 77
Кабк ва барф ........................................................ 77
Соли нав муборак бод! ............................................. 79

## ҚИССАҲО

Се додару як хоҳар ................................................ 80
Ду хоҳарон ........................................................... 85
Ду панде, ки мероси падар шуд ................................... 91
Қиссаи мулоқоти Кӯтоҳқомати хоксор ва
Қаддарози лофӣ ..................................................... 99
Қиссаи Харгӯши худсито ......................................... 103
Қиссаи булҳавасӣ .................................................. 105
Қиссаи чашмаҳое, ки дарё шуданд ............................ 108
Қиссаи ёри номувофиқ ........................................... 110
Дар рӯзаки тобистон ............................................... 120
Ду хурӯси кулангӣ .................................................. 121